Камоли Хуҷандӣ

Иксири саодат



МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «МАРКАЗИ ИЛМИИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ»

Камоли Хуҷандӣ

Иксири саодат

(Гузидаи абёт, мисраъ ва гуфторҳои ҳакимонаи Камоли Хуҷандӣ)

Нашриёти «Ношир»
Хуҷанд – 2016

ББК 83.3 (0) 4
Х – 93

Бахшида ба конференсияи байналмилалии «Камоли Хуҷандӣ: ташаккули адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ» нашр мешавад

ИКСИРИ САОДАТ (Гузидаи абёт, мисраъ ва гуфторҳои ҳакимонаи Камоли Хуҷандӣ).
– Хуҷанд: Ношир, 2016. – 224 саҳ.

Ба кӯшиши
Фахриддин Насриддинов

Ин сабзварақ аз гулбайтҳо ва мисраъву гуфторҳои ҳакимонаи Хоҷа Камоли Хуҷандӣ фароҳам омадааст. Умедворем, ки барои адабдӯстон ва дилхушони ҷаҳони маънӣ армуғони писандидае бошад.

ISBN 978-99975-51-53-5

© МД «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ», 2016

ОЛАМИ ОЗОДАГОН ХУШ ОЛАМЕСТ

Ифтитоҳи сухан он беҳ, ки кунанд аҳли камол,
Ба санои маликулмулк Худои мутаол.

Ашъори Хоҷа Камоли Хуҷандӣ шавқномаи соҳибдилон аст ва дар дилу дидаи дилбохтагон ҷой гирифтааст. Ба ҳамин сабаб, наздик ба ҳафтсад сол аст, ки аз Озарбойҷони шарқиву Осиёи Сағир гирифта то Ҳинду Кошғар ашъори обдори ин Хоҷаи Хуҷандиро мехонанд, ба нусхаҳо бармедоранд, ба маҷмӯаву баёзҳо ҷой медиҳанд, мунтахабу гузидаҳо тадвин менамоянд, ба забонҳои мухталиф тарҷума мекунанд, дар саҷҷодаи тоату майдони фасоҳат мояи тавассулу тамассул қарор медиҳанд, бо замзамааш бехудона механданду ошиқона мегирянд, маҳфилу ҳалқаҳои каррубиёна барпо месозанд ва дасту пой мекӯбанду мурғи ҷони хешро бар нишот меоваранд.

Бешак, суханҳои Хоҷа Камол обишхӯр аз дорушшифои ғайб дорад. Ҳар дардманди ошиқ ва толиби содиқ бояд аз он руқъаи бахту иршод баркашад ва шифову гумкардаи хешро ба даст оварад.

Хоҷа чӣ некӯ фармуда:

Аз шифохонаи дард аст суханҳои Камол,
Дард доред, аз ин ҷо сухане омӯзед.

* * *

Гар талабгорӣ, машав дур аз Камол,
Лам таҷид баъдӣ валийан муршидо.

(Яъне: Ғайри ман орифе раҳнаморо нахоҳӣ ёфт)

Хоҷа Камол таъкид менамояд, ки барои раҳ ёфтан бар ҳарими дӯст ва дидорчӯёна боло шудан бар Тури ишқ бояд ҳиммати олӣ дошт.

Зи нӯҳ равоқи фалак бартар аст хонаи ишқ,
Гумон мабар, ки кас он ҷо расад ба ҳиммати дун.

* * *

Ҷаноби ишқ бас олист, Мӯсоҳиммате бояд,
Ки натвон бар чунин Туре шудан бе ҳиммати воло.

Хоҷа муҳаббати ғайрро дар дил роҳ додан ва ҷуз ба ёди дӯст нафас заданро хилофи шарти ошиқӣ мехонад ва таъкид мефармояд, ки висоли Ҳақ ҷуз бо буридан аз мосивои ӯ муяссар нахоҳад шуд.

Васл муяссар нашавад ҷуз ба қатъ,
Қатъ, нахуст аз ҳама бубридан аст.

* * *

Гар задӣ ҷуз ба ёди ӯ нафасе,
Он нафас нест, балки боди ҳавост.

* * *

Камол, аз худ бибур, он гаҳ рав ин роҳ,
Ки қатъи инчунин водӣ ҳамин аст.

* * *

Дил, ки бар вай гузаре мекунад андешаи ғайр,
На дил аст он ба ҳақиқат, ки бувад раҳгузаре.

Хоҷа Камол фармуда, ки *«лайса илло рақаму-л-ишқ ъало авроқӣ»* (Яъне: Дар дафтари шеърам ҷуз аз ишқ сухане нест), аммо фусҳати майдони андеша ва густураи мазмунҳои каломи ӯ иршоду ҳикматҳои гаронқиматро дар мавзӯъҳои мухталиф пешорӯи хонанда мегузорад. Чунин арзиш моро водор менамояд, то аз хилоли ашъораш мисраъ ва ҷумлаҳои ҷудогонаро чун ҳикмату гуфтори муршидонаи Хоҷа берун оварем ва онҳоро зинати судуру сутури хеш қарор бидиҳем. Ин навъ гуфторҳо, афзун бар фавоиди адабӣ, дар тарбияи қишри мухталифи ҷомеа низ хеле судманд аст ва метавонад дар пайванди ҷомеа бо машраби фикрии суханварон ва васли эшон бар асл хидмати шоиста анҷом бидиҳад.

Бояд ёдовар шуд, ки то нимаи асри XX ашъори баргузидаи Хоҷа Камол бештар тавассути баёзу ҷунгҳо, китобҳои адабию ирфонӣ, шарҳномаҳо, тазкираҳо, тафсирҳо, маноқибу сираҳо ва қисме аз осори таҳқиқӣ ба хонандагон пешниҳод гардидааст. Аз ин таърих ба баъд чанд гузида ва мунтахаби хоса аз ашъори Хоҷа бо забони форсии тоҷикӣ ба табъ расида, ки «Бӯи ҷон» (ба кӯшиши Азизи Давлатободӣ), «Ашъори мунтахаб» ва «Мунтахабот» (ба саъйи Ш. Ҳусейнзода), «Дурдонаҳо аз ашъори Камоли Хуҷандӣ» (интихоби С. Асадуллоев), «Саду як ғазал» (таҳияи Б. Мақсудов) аз ҷумлаи онҳоянд.

Шоистаи ёдоварист, ки аз ашъори Хоҷа Ка-

мол ҳар нафар мувофиқи завқи худ баҳра бармедорад ва истифодаву истифозаи хешро бо тарзу шеваи хоса изҳор менамояд. Ба ҳамин мӯҷиб, талхису мунтахаботе, ки то имрӯз сурат гирифтаанд, аз ҳам мутафовит мебошанд. Минбаъд низ гузидаҳое, ки сурат мегиранд, бо завқу таркиби ба худ хос арзи ҳастӣ хоҳанд намуд. Ин хусусият машраби олӣ, танаввуъи мавзӯъот ва вусъати ҷаҳони фикрии Хоҷа Камолро таъкиди бештар мебахшад ва ҷиҳати раҳёбӣ ба ҳарими андешаи шоир мусоидат менамояд.

Сабзвараке, ки алҳол дар дасти Шумо дилбастагони ашъори Хоҷа Камоли Хуҷандӣ қарор дорад, гузиниши наву тозатарҳ мебошад ва дар ду бахш таҳия гардидааст. Дар бахши аввал, абёти баргузидаву ҷонбахш, дар бахши дувум бошад, мисраъ ва ҷумлаҳои ҳикамии Хоҷа Камол, ки дар алоҳидагӣ иршодномаи ҷудогонаи Шайхро мемонад, фароҳам оварда шудааст.

Орзумандем, ки ин гузида дар таскини дарди дардмандони олами ҳақиқату табйини ҷодаи соликони тариқат ба кор ояд, рӯҳу равони шефтагони олами маъниро равҳу райҳон бубахшад ва ба толибони хоки дари ёр иксири саодатро тақдим бидорад. Хоҷа фармуда:

Ин ҳама иксири саодат, Камол,
Аз талаби хоки даре ёфтам.

Фахриддин Насриддинов,
доктори илмҳои филологӣ

Камоли Хуҷандӣ

Иксири саодат



АБЁТИ БАРГУЗИДА

Ҷаҳоне пур зи мақсуд асту роҳе равшану пайдо,
Дареғо, ташналаб хоҳем мурдан бар лаби дарё.

* * *

Гарат донистани илми ҳуруф[1] аст орзу, сӯфӣ,
Нахуст афъол некӯ кун, чӣ суд аз хондани асмо[2]?!

* * *

Ҷаноби ишқ бас олист, Мӯсоҳиммате бояд,
Ки натвон бар чунин Туре шудан бе ҳиммати воло.

* * *

Масал аст ин, ки: «Бувад дӯст фидои раҳи дӯст»,
Кушт ғам Вомиқу Маҷнун, ту бикуш низ маро!

---

[1] илми ҳуруф – донише, ки ба донистани асрори ҳарфҳо мепардозад. Тибқи навиштаи Ибни Надим фирқае аз сӯфиён – ҳуруфия бар ин назаранд, ки бо огоҳӣ аз асрори номҳои Худованд метавон соҳибкаромат гардид ва бар олами табиат таъсир расонид. Зеро номҳои Худованд, ки падидоварандагони ҷаҳонанд, аз ҳарфҳо таркиб ёфтаанд (Феҳрист, саҳ. 469).

[2] асмо – номҳо. Мурод асмоуллоҳ – номҳои Худованд аст.

* * *

Ба кӯйи ӯ диле гум кун, ки он ҷо
Яке дил гум кунӣ, сад ҷон биёбӣ.

* * *

Камол, аз хуни дил тар соз нома,
Саломи хушк чун натвон фиристод.

* * *

Марди бедард марди ин раҳ нест,
Ғофил аз завқи дард огаҳ нест.

* * *

Гар ҳаст ғуборе зи дилат пок фурӯ шӯй,
К-оина ҳамон беҳ, ки бар ӯ гард набошад.

* * *

Ҳама кас нози ту ҷӯянд, на чун ман ба ниёз,
Ҳама дашноми ту хоҳанд, на чун ман ба дуо.

* * *

Қиссаи дарди ҷудоӣ чу нависем, Камол,
Дил ҷудо нола кунад, хома ҷудо, нома ҷудо.

* * *

Ба саломат чу нахоҳам, ки равад сӯи ту бод,
Ҳайфам ояд, ки саломи ту фиристам ба сабо.

* * *

Кас он хоки раҳ ҷуз ба мижгон наруфт,
Ба чашм аз пайи он равад тӯтиё.

* * *

Гадои дари мост гуфтӣ, Камол,
Чунин аст, шай лиллаҳ[1], эй подшо!

* * *

Дар сухан лутфи илоҳӣ ба ту ёр аст, Камол,
В-арна сад сол ба фикр ин суханон натвон сохт.

* * *

Ба нодон ар нишон додӣ, Камол, аз хоки даргоҳаш,
Кашидӣ куҳли[2] биноӣ, вале дар дидаи аъмо[3].

* * *

Дуздида ҳусни Юсуф диданду каф буриданд,
З-ин шева дасти дуздон доим бурида бошад.

[1] Яъне: Чизе барои Худо. Мухаффафи «шайъун лиллоҳ» аст. Мурод гадоӣ мебошад.

[2] куҳл – сурма; ҳар моддае, ки барои шифо ба чашм мекашанд.

[3] аъмо - нобино

* * *

Бо зиндадиле гуфт Камол аз сари ҳолат:
Ҳолат беҳ аз он нест, ки дар ишқ бимирӣ.

* * *

Мо накӯ донем шукри неъмату ҳаққи намак,
Зери он лаб аз ту як дашному аз мо сад дуо.

* * *

Дил зи дарди ту пур шудаст чунон,
Ки нагунҷад дар ӯ хаёли даво.

* * *

Бурда з-оинаи дил ғуссаи ӯ занги ҳазан[1],
Руфта аз гӯшаи хотир ғами ӯ гарди малол.

* * *

Мепарад мурғи рачо[2] ҷилвакунон шох ба шох,
Дар ҳавои чамани раҳмати Ӯ фориғбол.

* * *

Тоат чӣ суд зоҳиди парҳезгорро,
Гар бар дари қабули Туаш нест обу чоҳ.

[1] ҳазан – андӯҳ, ғусса
[2] рачо – умед, умедворӣ

* * *

Эй, ки аз дил нафасат рост бурун меояд,
Нафас ин аст, ки аз хеш бибуррӣ нафасе.

* * *

Ёрони маро дарди мани бесарупо нест,
Душман беҳ аз он дӯст, ки ҳамдард набошад.

* * *

Касе, к-аз талъати хуршед ҷуз гармӣ намебинад,
Дило, маъзур медораш, ки дорад чашми нобино.

* * *

Дил чу пероҳани ту меларзад,
Бар ту гар бигзарад насими сабо.

* * *

Ба бӯи васли ӯ мехӯр ғами ҳичрон, ки хуш бошад,
Кашидан заҳмати хоро барои роҳати хурмо.

* * *

Дил маранҷон ба дарди дӯст, Камол,
Фаҳва моу-л-ҳаёти фиҳи шифо[1].

[1] Яъне: Он (яъне, дарди дӯст) оби ҳаёт аст ва шифо дар он мебошад.

* * *

Чун дарой ба табархонаи мо бо ғами дил,
Ҳама гӯянд: Махур ғам, ки ҳаром аст ин ҷо.

* * *

Макун маломатам, эй порсо, ки дилшудагонро
Сари муҷодалаи носеҳу адиб набошад.

* * *

Шаби васл он ҳама лабҳои хандон,
Чу шамъ аз дидаи гирён биёбӣ.

* * *

Нест дар маҷлиси мо пешгаҳу саффи ниъол[1],
Шоҳу дарвеш надонанд кадом аст ин ҷо.

* * *

Кардаанд аҳли назар хоки дарат сурмаи чашм,
Мани хокӣ назар аз лутфи шумо ёфтаам.

* * *

Зи хоки пот сарам гар ба теғ бардоранд,
Ниҳам сару наниҳам аз сар ин таманноро.

[1] саффи ниъол – пойгаҳ, охирин сафи маҷлис, ки одатан он ҷо наълайну кафш мекашанд.

* * *

Нест ҳоҷат, ки бувад садди Сикандар дар пеш,
Дар миёни туву ӯ монеъу ҳоил ту басӣ.

* * *

Диданд зиён он, ки ба сад ганҷи Фаредун,
Карданд баҳо гавҳари якдонаи моро.

* * *

Дил сӯхт дар самоъу[1] намеистад зи чарх,
Раққесет гарм бар сари оташ кабобро.

* * *

Ошиққушӣ савоб бувад дар китоби ишқ,
Он шӯх ҳам зи даст надод ин савобро.

* * *

Чун муроди дӯст ҷон афшондан аст аз дӯстон,
Зудтар дарёб, ҷони ман, ризои дӯстро.

* * *

Давлат он нест, ки ёбам ду ҷаҳон зери нигин,
Давлат ин асту саодат, ки туро ёфтаам.

[1] самоъ – ҳолати вачди сӯфиён, ки бехудона пойкӯбиву дастафшонӣ мекунанд.

* * *

Дар ҳавои ӯ тавонад дод ошиқ сар ба бод,
Лек натвонад ниҳод аз сар ҳавои дӯстро.

* * *

Магӯ, к-арбоби дил рафтанду шаҳри ишқ шуд холӣ,
Ҷаҳон пур Шамси Табрез аст, марде ку чу Мавлоно?

* * *

Нашавад зи гарди фитна сари кӯи дӯст холӣ,
Ба ду зулф агар бирӯбад ҳама умр хоки поро.

* * *

Гар бадал кардӣ ба сад фирдавс[1] хоки кӯи ёр,
Ройгон аз даст додӣ хоки пои дӯстро.

* * *

Дастбӯси дӯст мехоҳӣ, бишӯ даст аз ду кавн,
Дастолуда нашояд марҳабои дӯстро.

* * *

Дӯстиҳои ҳама олам бирӯб аз дил, Камол,
Пок бояд доштан хилватсарои дӯстро.

[1] фирдавс – биҳишт; олитарин ҷои биҳишт

* * *

Диданд сиришкам ҳама ҳамсояву гуфтанд:
Ин сел, аҷаб, гар набарад хонаи моро.

* * *

Ҷону сару дида чӣ дорем дӯст,
Аз ҳама чун дӯсттаре ёфтам?

* * *

Дидаву дил ҳар яке танҳо туро доранд дӯст,
Худ мани бедил на танҳо дӯст медорам туро.

* * *

То кардаам зи манзили ҳастӣ сафар гузин,
Норафта ним гом ба мақсад расидаам.

* * *

Мардум ба даври рӯи ту дар гиряанд аз оҳи ман,
Шарт аст борон рехтан дар мавсими гул бодро.

* * *

Нолон ба сари кӯи ту оем, ки завқест
Дар қофилаи каъбаравон бонги ҷарасро[1].

[1] ҷарас – занг, зангӯла

* * *

Бо субҳ бигӯед, ки бевақт мазан дам,
К-имшаб шаби васл аст, нигаҳ дор нафасро!

* * *

Гӯиям: Рав з-ин дару султони вақти хеш бош!
Баъди султонӣ гадоӣ хуш намеояд маро.

* * *

Рондаанд аз шакаристони саодат, ин аст,
Ки шабу рӯз ҳавохоҳи ҳаво чун магасӣ.

* * *

Ғизои ошиқи муфлис ғам омад,
Агар ғам нестӣ, ошиқ чӣ х(в)ардӣ?

* * *

Дил гарчи хароб аст, вале чун ту дорӣ,
Обод кунӣ кулбаи вайронаи моро.

* * *

Он ки дар дил ҳаваси рӯзи висол аст ӯро,
Хоби шаб дар сар агар ҳаст, хаёл аст ӯро.

* * *

Гар назари мардуми муқбил ба мост,
Он зи қабули назаре ёфтам.

* * *

Бо оҳу рӯи зард зи хокат шудем дур,
Бод омаду зи дона ҷудо кард коҳро.

* * *

Ҷавҳар, ки қимат аст, кашандаш ба эҳтиёт,
Ман ҳам ба дида мекашам он хоки роҳро.

* * *

Пеши ноаҳлон чӣ ҳосил зикри пурдонӣ, Камол,
Донаи гавҳар чӣ резӣ мурғи арзанхораро?!

* * *

Бе садои саҳарӣ мурғи саҳар бедор аст,
Ҳоҷати бонг задан нест дили огаҳро.

* * *

Ман аз ин дар наравам, з-он ки ба ҷое нарасид
Ҳеҷ коре ба талаб ошиқи ҳарҷоиро.

* * *

Дар миёни хору хоро гар ту ҳамроҳи манӣ,
Гул шиносам хорро, дебо шиносам хораро.

* * *

Хонаро гар набошад аз ту чароғ,
Чӣ кунад дида рӯшноиро?!

* * *

Ба нури ақл натвон рафт роҳи ишқ, эй оқил,
Зи Маҷнун пурс, агар дорӣ тариқи ҳаййи[1] Лайлоро.

* * *

Гар аз он доман бад-он дарвеш васле мерасид,
Порае медӯхтам он ҷони пора-пораро.

* * *

Ошиқ ба шаҳи фарду ягона нанишинад,
Гар нест чу фарзин зи ду олам шуда фарде.

* * *

Чун оям пеши рӯи ӯ ба хуни дил вузӯ созам,
Ки дар меҳроби дилҳо сачда натвон бе вузӯ кардан.

* * *

Хори мижгон манигар, пой бинеҳ бар сару чашм,
Ки зиёне нарасад аз мижа биноиро.

* * *

Шамъ мехост, ки ронад сухан аз хилвати роз,
Нек будаш, ки баромад ба забон сӯхтанӣ.

[1] ҳай(й) – деҳа, шаҳрак

* * *

Ту то суратпарастӣ, аҳли маъниро куҷо бинӣ,
Ба чашми аҳли маънӣ метавон дид аҳли маъноро.

* * *

Гар ба ҷустан ёфт гаштӣ ёри мо,
Ғайри ҷӯёӣ набудӣ кори мо.
Гар шудӣ дидори ӯ дидан ба хоб,
Хоб ҷустӣ дидаи бедори мо.

* * *

Дардмандему хабар медиҳад аз сирри дарун
Даҳани хушку лаби ташнаву чашми тари мо.

* * *

Гар ту дар миҷмараи ғам дили мо сӯзонӣ,
Ҳамчунон бӯи ту ёбанд зи хокистари мо.

* * *

То бад-он ҷону ҷаҳонам ошно,
Аз ҳама халқи ҷаҳон бегонаам.

* * *

Муфлисонем, ки дар давлати савдои рухат,
Ҳосили ҳар ду ҷаҳон ҳеҷ наярзад бари мо.

* * *

Дар дил ба қадри зарра нагунҷад хаёли ғайр,
К-аз меҳри ӯ пур аст замири мунири мо.

* * *

Пеши гадоёни сари кӯи дӯст,
Ҳарду ҷаҳон мухтасаре ёфтам.

* * *

Дид сели мижа дар пеши Камол он маҳу гуфт:
Дур ба доман барад, ар гиря кунад соили[1] мо.

* * *

Мо чашми хеш равшан дидан наметавонем,
То ту наменишинӣ дар чашми равшани мо.

* * *

Гуфтам: Ба хоки поят гардам рафиқ, лекин
Тарсам, ки барнишинад бар доманат ғуборе.

* * *

Дӣ мешудам дар он кӯ, омад нидо аз он сӯ,
К-эй ошиқи сару зар, магзар ба гулшани мо!
Донӣ, чӣ гуфт Исӣ бо ошиқони дунйӣ:
Чандин ҳиҷоб бинед аз ним сӯзани мо[2].

[1] соил - гадо

[2] Ишора бар ин, ки гӯё Исоро (а) ба сабаби аз тааллуқоти дунёвӣ сӯзане бо худ доштан, аз осмони чорум болотар набурданд.

* * *

Агарчи аз ду ҷаҳон кардаем қатъи умед,
Ба лутфу раҳмати ӯ ҳаст умедвории мо.

* * *

Сазад, ки зайли карам бар гуноҳи мо пӯшанд
Ба рӯзи ҳашр, чу бинанд шармсории мо.

* * *

Дидори рақиб аз дур афзуд маро гиря,
Аз абри сияҳ бошад афзунии боронҳо.

* * *

Хоки раҳу гарди пош гирд ор,
Эй дида, ки тӯтиёст инҳо.

* * *

Дил надорад бе лаби лаълат намак,
Бе намак завқе намеёбад кабоб.

* * *

Эй имом, он абрувон гар дар намоз орӣ ба чашм,
Баъд аз он меҳробро чун чашми ӯ бинӣ ба хоб.

* * *

Дастбӯсе гарат аз дӯст таманност, Камол,
Марҳабо гӯ ғами ӯрову балоро дарёб.

* * *

Камоли хастахотирро хуш омад субҳдам нола,
Бале, хуш бошад аз булбул ба вақти субҳ нолидан.

* * *

Заҳмати хеш бубар аз сарам, эй мардуми чашм,
Ки миёни ману ӯ дида ҳиҷоб аст имшаб.

* * *

Соқиё, шамъ ба перомуни маҷлис манишон,
Ки нагӯянд, ки моро сари хоб аст имшаб.

* * *

Раҳмате гар мекунад чашми ту бар афтодагон,
Дурри ашки ман ятим асту мани бедил ғариб.

* * *

Ҳоли дарди худ муҳиб ҳаргиз нагӯяд бо табиб,
Сахт бедардӣ бувад нолидан аз дарди ҳабиб.

* * *

Дар кӯи ёр дидаи гирён барои хеш
Ҳамчун ҳубоб хона ба болои об сохт.

* * *

Номаи шавқам кабӯтар диду гуфт:
Чун барам, чун болу пар месӯзадам.

* * *

Зарраро гуфтам: Ту хокӣ, ин чӣ ному шуҳрат аст?!
Гуфт: Ишқи офтобам инчунин машҳур сохт.

* * *

Воизи гирён, чӣ месозанд мардум минбарат?
Тифливу дар гиря, мебояд туро гаҳвора сохт.

* * *

То ғамат бунёди вайронӣ ниҳод,
Ёфт ободӣ дили вайронаам.

* * *

Кучо дуруст кунанд аҳли зуҳд тахтаи ишқ,
Ки мушкил аст ба маймун дургарӣ омӯхт.

* * *

Насими дӯстӣ ояд сагони остонашро,
Пас аз сад сол агар як-як бибӯянд устухони ман.

* * *

Касе, ки қимати хоки дарат ба ошиқ гуфт,
Баҳошиносии ҷавҳар ба ҷавҳарӣ омӯхт.

* * *

Аз мо чӣ тоат ояд шоистаи қабулӣ,
Дорем чашми раҳмат бе заҳмати ибодат.

* * *

Дӯст дар ҷону нест з-ӯ хабарат,
Ташна мурдиву об дар назарат.

* * *

Дил, ки бар вай гузаре мекунад андешаи ғайр,
На дил аст он ба ҳақиқат, ки бувад раҳгузаре.

* * *

Одам аз худ биҳишт[1] нанги биҳишт,
Мард бояд ба ҳиммати падарат.

* * *

Ишқ на дар сина, чӣ суд аст ин,
Ҳеҷ на дар дег, чӣ ҷӯшидан аст?!

* * *

Ишқ аз ному аз нишон яктост,
Бенишонӣ нишони марди Худост.

* * *

Хилъати ишқ нест лоиқи ақл,
К-ин қабо бар қади дил омад рост.

* * *

Гар задӣ ҷуз ба ёди ӯ нафасе,
Он нафас нест, балки боди ҳавост[2].

[1] биҳишт – дур кард, канор бигузошт
[2] ҳаво – хостаҳои номатлуби нафс

* * *

Ба ду олам назар макун чу Камол,
То намоянд оламе дигарат.

* * *

Аз шифохонаи эҳсони ту аз баҳри наҷот,
Хастагонро тамаъи марҳаму уммеди давост.

* * *

Моҳро равшанӣ аз рӯи ту мебояд ҷуст,
Сарвро ростӣ аз қадди ту мебояд хост.

* * *

Кардам зи дӯст орзуе, гуфт: Эй Камол,
Бигзар зи орзу агарат орзуи мост.

* * *

Нест моро сари Тӯбову таманнои биҳишт,
Шеваи мардуми ноаҳл бувад ҳиммати паст.

* * *

Ошиқонро дил ба ваҳдат мекашад,
Мурғи обиро ба дарё хуштар аст.

* * *

Равшану хуш сабоҳи зиндадилон
Ҷуз ба бедории саҳаргаҳ нест.

* * *

Хоки роҳи туам, эй хоки дарат тоҷи сарам,
Тоҷдор аст Камол арчи тиҳидасту гадост.

* * *

Зоҳид, ки шавад ғарра ба зуҳде, ки надорад,
Он зуҳди фиребандаи ӯ нақши сароб[1] аст.

* * *

Камол, он хоки дар аз гиря тар соз,
Ки дар борон умеди фатҳи боб[2] аст.

* * *

Подшоҳон сайдҳо банданд бар фитрокҳо[3],
Мо бад-он фитрок ҷоневу саре хоҳем баст.

* * *

Аз ишқ дам мазан чу нагаштӣ шаҳиди ишқ,
Даъвои ин мақом дуруст аз шаҳодат аст.

* * *

Дар ҳарами васл, ки ҷон асту дӯст,
Заҳмати тан, дарди саре ёфтам.

[1] нақши сароб – нақшу тасвири дурӯғин ва фиребнамо
[2] фатҳи боб – кушодани дар
[3] фитрок – тасмае, ки бо он чизеро бар зини асп мебанданд.

* * *

Даст бардору висолаш ба дуо хоҳ, Камол,
З-он ки доим ба дуо кори ту болодаст аст.

* * *

Ҳар чӣ дар чашм ба ҷуз сурати маъшуқ, хатост,
Ҳар чӣ дар даст ба ҷуз домани мақсуд, бад аст.

* * *

Олами озодагон хуш оламест,
Эй дил, он ҷо рав, ки он ҷо хуштар аст.
Андар ин пастӣ дилат нагрифт ҳеч,
Азми боло кун, ки боло хуштар аст.

* * *

Гар бубинӣ ошиқе дар гиря, эй зоҳид, чу ашк
Аз назар магрез, к-он борони абри раҳмат аст.

* * *

Барбод медиҳам ба ҳавои ту умри хеш,
То заррае зи хоки вуҷудам саломат аст.

* * *

Офтоб аз ту нур медуздад,
Субҳ аз он рӯ чароғҳо куштаст.

* * *

Бишкан бути ғурур, ки дар дини ошиқон,
Як бут, ки бишкананд, беҳ аз сад ибодат аст.

* * *

Ин дил ба ошиқӣ на аз имрӯз шуд алам,
Кӯси муҳаббатат зи азал то абад задаст.

* * *

Висолатро ду олам қимат омад,
Ҳанӯз андар мақоми «ман язид»[1] аст.

* * *

Ишқи ту саросар ҳама сӯзу ҳама дард аст,
Ин шева ба андозаи мардест, ки мард аст.
Он кас, ки дар ин сарф накардаст ҳама умр,
Бечора надонам, ки ҳама умр чӣ кардаст.

* * *

Зоҳид чу оҳи ҳасрату мо бода мекашем,
Санге, ки зад ба шишаи мо аз ҳасад задаст.

* * *

Бар дари ёр гар афзун накунад нолаи зор,
Чӣ кунад толиби дидор, ки ҳоҷатманд аст.

[1] Яъне: Кӣ боз зиёдтар медиҳад? Касе ҳаст, ки бештар диҳад? Мурод чумлаест, ки дар музояда ва харидори беҳтаре пайдо кардан истифода мебурданд.

* * *

Дур созам, гуфтам, ашк аз чашми тар бо остин,
Чашма чандоне, ки кардам пок, об омад бурун.

* * *

Ишқи бедард саре гарм накард,
Шамъ то сӯз надорад, сард аст.

* * *

Ба дарди ту ҷуз нола ҳамдам надорам,
Касеро дар ин парда маҳрам надорам.

* * *

Гуфтӣ: Аз хоки дари хеш фиристам гарде,
Ҳамчунон чашми раҷо бар карами мавъуд[1] аст.

* * *

Зоҳид, чӣ аҷаб, гар кунад аз ишқи ту парҳез,
Кас лаззати ин бода надонад, ки нах(в)ардаст.

* * *

Орифи пинҳон зи пайдо хуштар аст,
Ганҷро ганҷина маъво хуштар аст.

[1] мавъуд - ваъдадодашуда

* * *

Гар зоҳиди камхора муҳаббат начашидаст,
Хуноба нахурдасту риёзат накашидаст.
Бар сина надорад асари захме аз он теғ,
Ин низ далел аст, ки аз худ набуридаст.

* * *

Ба меҳри Юсуф аз ҷон қатъ кун, қатъ,
Ба теғе даст бубридан чӣ кор аст?!

* * *

Ҳар кӣ аз дарди ту маҳрум бувад, бемор аст
В-он ки доғи ту на бар синаи ӯ, афгор аст.

* * *

Шаби васлат сухан аз сабр нагӯям, ки кам аст,
Қиссаи шавқ чӣ гӯям ба ту, чун бисёр аст.

* * *

Пурсидани ёрони куҳан расми қадим аст,
Чун аст, ки дар аҳди ту ин расм барафтод?!

* * *

Ба доман айби риндон пӯш зоҳид,
Либоси зуҳд пӯшидан чӣ кор аст?

* * *

Накунад ошиқи нолон зи ғами рӯи ту хоб,
Андалеб аз ҳаваси гул ҳама шаб бедор аст.

* * *

Камол аз ҳарду олам рӯй дарпеч,
Ба сар дастор печидан чӣ кор аст?

* * *

Як назар фориғ шав аз олам, Камол,
Нахли мумиро[1] тамошо хуштар аст.

* * *

Чӣ ҳолат аст, ки бурдем ганҷу ранҷи набуд
Ба кӯи дӯст, магар бахти нек роҳбар аст.

* * *

Ошиқ ар омад ба кӯяш дунйиву уқбо нахост,
Ҷониби Тур омадан мақсуди Мӯсо дигар аст[2].

* * *

Маҳмуд, магӯ, ба марги худ мурд,
Ӯ куштаи ғамзаи Аёз аст.

[1] нахли мумӣ –дарахти пургулу пурмева, ки барои ороиш месохтанд; киноя аз шамъ.

[2] Мурод талаби дидори Ҳақ(қ) – маҳбуби ҳақиқист, ки Мӯсо ҷониби кӯҳи Тур барои он омада буд.

* * *

Ҳалқа чӣ занад Камол бар дар?
Доим дари раҳмати ту боз аст.

* * *

Дида дар умре зи рӯят бо хаёле қонеъ аст,
Умр, к-он бигзашт бе рӯи ту, умре зоеъ аст.

* * *

Сар аст ҳадяи ин раҳ ба аввалин қадаме,
Муқими кӯйи саломат на марди ин сафар аст.

* * *

Гар зи ҷонам рамақе монаду бо дӯст расам,
Гарчи сад сол зиям, ҳосили он як рамақ аст.

* * *

Мақсади арбоби ишқ бехатаре нест,
Коми дили толибон ба коми наҳанг аст.

* * *

Ҳам умр ба охир шуду ҳам қисса ба поён,
Ин роҳи талабро на канору на карон аст.

* * *

Ҳар куҷо дил меравад дар ҷустуҷӯи дилбаре,
Пешрав ашк аст он ҷо, оҳу нола тобеъ аст.

* * *

Бар ду рухи ман ду чӯе хун, ки равон аст,
Аз ту маро сурхрӯии ду ҷаҳон аст.

* * *

Васл муяссар нашавад ҷуз ба қатъ,
Қатъ, нахуст аз ҳама бубридан аст.

* * *

Ар ҳоли дил ба дӯст на имкони гуфтан аст,
Бар шамъ сӯзи синаи парвона равшан аст.

* * *

То мушарраф нашавад банда ба назди султон,
Ҳаргиз андар назари халқ мукаррам нашавад.

* * *

Бар қадамаш зуд сар неҳ, эй дилу мерав,
То накунӣ пай ғалат, ки роҳ ҳамон аст.

* * *

Накунам ҷуз ба хаёли қади ту қисса дароз,
Булбулонро сухан ар ҳаст, ба сарву чаман аст.

* * *

Камол, аз худ бибур, он гаҳ рав ин роҳ,
Ки қатъи инчунин водӣ ҳамин аст.

* * *

Ман хоки раҳам, балки басе камтар аз он низ,
Дар ҳазрати ӯ қимату миқдори ман ин аст.

* * *

Шуд умри талабкор ба роҳи талаб охир,
Охир хабаре аз дили овора надонист.

* * *

Лофи якрангӣ мазан бо дӯст ҳар соат, Камол,
То чу гул берун наёӣ хурраму хандон зи пӯст.

* * *

Бе лабат гар шуд лаболаб соғар аз ашкам, равост,
Аввалин чизе, ки рафт андар сари май, обруст.

* * *

Заифу оҷизу қосир шаванду чун нашаванд,
Забону дасту дили ман зи шукри неъмати дӯст.

* * *

Аз каримон шавад фақир ғанӣ,
Ту каримиву мо фақир, эй дӯст.

* * *

Гар ҷониби муҳиб назаре аз ҳабиб ҳаст,
Ғам нест гар ҳазор-ҳазораш рақиб ҳаст.

* * *

Ҳамчу ғаввосони мискин аз барои гавҳаре,
Заҳмати дарёи мардумхор мебояд кашид.

* * *

Агар бар дарат бор ёбам ба хидмат,
Нишони қабули ибодат ҳамин аст.

* * *

Зи ишқ имрӯз ҳар к-ӯ сурхрӯ нест,
Ба маҳшар номааш фардо сиёҳ аст.

* * *

Шаби мо кай шавад равшан ба сад моҳ,
Шаби ошиқ сиёҳ аз дуди оҳ аст.

* * *

Ба рӯи зард ҳар гарде аз ин роҳ,
Ки мебинӣ, нишони марди роҳ аст.
Хаёли хоки пойи ӯ гадоро
Агар дар сар бувад, соҳибкулоҳ аст.

* * *

Дил аз шунидани Қуръон бигирадат ҳама вақт,
Чу ботилон зи каломи Ҳақат малулӣ чист?!

* * *

Ҳар кӣ дар олам кам аз як лаҳза дур аз ёр зист,
Кард нақди зиндагонӣ зоеъу бисёр зист.

* * *

Эй ҳасуд, аз сари кин айби муҳиббон то чанд?!
Айби худ бин, ту, ки пиндоштаӣ ин ҳунар аст.

* * *

Ба чашми аҳли назар кам бувад зи парвона
Диле, ки сӯхтаи оташи муҳаббат нест.

* * *

Камол, толиби дардӣ, ба ғусса шокир бош,
Ки ҷуз ба шукр касеро мазиди неъмат[1] нест.

* * *

Ғами ишқро ҳеҷ тадбир нест
Ба ҷуз васлу он ҷуз ба тақдир нест.

* * *

Мулки висол боядат, аз ҷон гузар, Камол,
Хилъат ба лашкарӣ нарасад, то шуҷоъ нест.

* * *

Аз ҷигар хуне, ки резам, дил ғизо месозадаш,
Қути оташ бошад он хун, к-аз кабоб ояд бурун.

[1] мазиди неъмат – зиёд шудани неъмат

* * *

Муҳоли ақли тамом аст, носиҳо, боре
Ту гар насиҳати шахсе кунӣ, ки қобил нест.

* * *

Дар илми муҳаққиқон ҷадал нест,
Аз илм мурод ҷуз амал нест.

* * *

Солики покрав нахонандаш,
Он ки аз мосиво[1] муназзаҳ нест.

* * *

Гуфтӣ: Паси ҳар тирагие равшание ҳаст,
Чун аст, ки ҳаргиз шаби моро саҳаре нест?!

* * *

Бархез, Камоло, ки дари каъбаи мақсуд,
Бе он ки кунӣ қатъи биёбон, натавон ёфт.

* * *

Он шарбати хосе, ки шифои ҳама ҷонҳост,
Бе чошнии дард чашидан натавон ёфт.

* * *

Дорӣ сари Юсуф, бибур аз ҳар чӣ азиз аст,
К-он васл ба як даст буридан натавон ёфт.

[1] мосиво – он чи ғайри Худост

* * *

Бо гармраве воқифи ин роҳ чӣ хуш гуфт:
Оҳиста, ки ин раҳ ба давидан натавон ёфт.

* * *

То ғам нахӯрду дард, наяфзуд қадри мард,
То лаъл хун накард ҷигар, қимате наёфт.

* * *

Ба шохсори талаб андалеби шаб ҳама шаб,
Нишаста бо дили бедор, ёр металабад.

* * *

Чандон ки бозҷуст дар аъмоли худ Камол,
Мақбултар зи тарки риё тоате наёфт.

* * *

Ба фалак раҳбари шумост Камол,
Гар ҷаҳон зери пой афкандед.

* * *

То заминбӯси дари шоҳи ҷаҳон дарёбам,
Андар ин раҳ чу фалак зеру забар хоҳам рафт.

* * *

Он дил сиёҳ бод, ки савдои ӯ напухт
В-он сар бурида бод, ки дар пойи ӯ нарафт.

* * *

Аз қасди бадандеш маяндеш, Камоло,
Душман чӣ тавонад, чу кунад дӯст ҳимоят?!

* * *

Дасти султонон намебӯсад Камол,
Нест султонро ба дарвеш эҳтиёҷ.

* * *

Кафши Хизиру асои Мӯсо
Шоистаи дасту пои шал нест.

* * *

Даруни каъбаи дил дилбарест рӯҳонӣ,
Ки қудсиён-ш ба таъзим кардаанд сучуд.

* * *

Ду кавн толиби гулзори ҷаннатанду Камол
На бӯстону на гулзор, ёр металабад.

* * *

Ба чашми ҳақорат мабин дар Камол,
Ки озода шоҳест бетахту тоҷ.

* * *

Ҳар хона, ки дар кӯи тараб сохта будем,
Селоби ғаме омаду барканд зи бунёд.

* * *

Маҷнун чӣ кунад, к-ин кашиш аз ҷониби Лайлост,
Гар майл намедид, дил аз даст намедод.

* * *

То бидӯзад бо хаёлат дидаи гирён Камол,
Як ба як дӯшина сӯзанҳои мижгон об дод.

* * *

Ҳар кас, ки ёфт бӯи ту, он гаҳ зи шавқи он
Чун бод нест дар такупӯи ту, нест бод!

* * *

Бонги мурғ аз дом чун бахшад фараҳ сайёдро,
Кори ман дар зулфи ӯ ҷуз нолаву зорӣ мабод!

* * *

Хоки поят бар сарам тоҷи Кай аст,
Инчунин сар кай бувад муҳтоҷи тоҷ?!

* * *

Бӯяш омад дар чаман, зад ончунон оҳе Камол,
К-аз дарахти хештан мурғи чаман бирён фитод.

* * *

Нахост ҷаннати аълову ҳур соҳиби Тур[1],
Зи ёр толиби дидор ёр металабад.

[1] соҳиби Тур – мурод Мӯсо (а) аст.

* * *

Нест ошиқ ба яқин он дили бадмеҳр, Камол,
Ки зи маъшуқи ситамгар ба ҷафо меранҷад.

* * *

Камол, аз сар гузар в-он гоҳ қадам неҳ дар ҳарими ӯ,
Ки аз бисёрии ҷонҳо дар он дар сар намегунҷад.

* * *

Гар шикасти ту кунад ҳосиди бадгӯй, Камол,
Дилат аз ҷо наравад донаму дарҳам нашавад.

* * *

Ё дӯст гузин, Камол, ё ҷон,
Як хона ду меҳмон нагунҷад.

* * *

Булбул чӣ фиристад сӯи гул туҳфа, ки дар даст,
Бечора, ба ҷуз нолаву фарёд надорад.

* * *

Чӣ гавҳаршинос аст чашми Камол,
Ки сурма аз он хоки даргоҳ бурд.

* * *

Бар сари кӯйи ту бояд ба сару чашм гузашт,
Муддаӣ чашм надорад, ки ба по мегузарад?!

* * *

Рафт дар оҳу фиғон бе ту маро умри дароз,
Оҳ аз ин умр, ки бар боди ҳаво мегузарад.

* * *

Дидаи мо гар зи баҳри ӯст хунафшон, равост,
Толиби дур эҳтироз аз ҷӯшиши дарё накард.

* * *

Бар сари майдони ишқ ин нафси кофиркешро
Мекушам гар лоиқи қурбон набошад, гӯ, мабош!

* * *

Гуфтам, ки рӯи дил ба сӯи дигаре кунам,
Ҳусни вафову аҳди қадимаш раҳо накард.

* * *

То хоки остони ту овард дар назар,
Чашми Камол орзуи тӯтиё накард.

* * *

Бемор карду дард фиристоду ҷон ситонд,
Бемори ишқро беҳ аз ин кас даво накард.

* * *

Ушшоқи қаландарсифат аз ишқ намиранд,
Он кас ки бимирад, ҳама гӯянд, хато кард.

* * *

Машнав оҳи саҳари ман, ки парешон накунӣ,
Хотири нозуки худ ҳамчу гул аз боди саҳар.

* * *

Хоки дари азизон, ё Раб, чӣ кимиёест,
К-ӯро ба ҳеҷ вачҳе ҳосил наметавон кард.

* * *

Маҳрум марон аз дари хешам, ки гадоро
Уммеди ато бар дари аҳли карам овард.

* * *

Пеши ту баҳри ном аст омадшуди рақибон,
Дур аз Худо ба Каъба баҳри Худо наёяд.

* * *

Сифати шамъ ба парвона ҳамебояд гуфт,
К-ин ҳадисест, ки бо сӯхтагон даргирад.

* * *

Гар ту з-ин ор надорӣ, ки манат дорам дӯст,
Баъд аз инам чӣ ғам аз таънаи душман бошад.

* * *

Бар остони ту мурдан саодатест азим,
Зи бахти хеш таваққуъ маро ҳамин бошад.

* * *

Аз ҳолати Зулайхо он бӯ барад, ки чун гул
Пероҳани сабурӣ сад ҷо дарида бошад.

* * *

Он қатраҳои ашк аст аз чашми андалебон
Ҳар шабнаме, ки бар гул як-як чакида бошад.

* * *

Маризи ишқи бутонро сари табиб набошад,
Ба иттифоқ табибе беҳ аз ҳабиб набошад.

* * *

Безорам аз он дил, ки дар ӯ дард набошад,
Ҳар дил, ки битарсад зи бало, мард набошад.

* * *

Булбулон бар шохҳо карданд з-он боло ҳадис,
Аз дарахтони чаман бархост афғону хурӯш.

* * *

З-ин хоки дарам менакашад дил ба ҳавое,
Мурғони ҳарамро сари парвоз набошад.

* * *

Дил аз ту баргирифтан, бар дигаре ниҳодан,
Дар ақл ин нагунҷад, дар хотир он набошад.

* * *

Ин ҷаҳон дардхӯрда дандонест,
Вораҳидед аз ӯ, чу баркандед.

* * *

Ҷаври ҳар ноаҳлу ноҳамвор баҳри ӯ кашам,
Баҳри як гул заҳмати сад хор мебояд кашид.

* * *

Дорӣ, Камол, ҷоне, бар дӯстон барафшон,
Ошиқ ҷаве наярзад, гар ҷонфишон набошад.

* * *

Ғамат то мӯниси ҷони Камол аст,
Дили ӯ соате ғамгин набошад.

* * *

Бори фироқи хеш чӣ санҷӣ ба ҷисми ман,
Кас кӯҳро надид, ки бо коҳ баркашад.

* * *

Хост ҳар хуб, ки дуздад дили ман,
Буд бо доғи ту, дуздида нашуд.

* * *

Резад ситора рӯзи қиёмат, аҷаб мадор,
Рӯзи видоъ ашк гар аз дидаҳо чакад.

* * *

Ҳар киро дар ду ҷаҳон орзуи рӯи ту нест,
Ҳаявонест, ки дар сурати инсон омад.

* * *

Эй донаи дур, қимати худ дону маёмез
Бо мушти хасе, қадри ту нашнохтае чанд.

* * *

Хуфтаи субҳи азал рафт паси пардаи хоб,
То шабонгоҳи абад зиндадилон бедоранд.

* * *

Дили садпора ба марҳам нашавад чорапазир,
Дили нозук чу шикастанд, нагирад пайванд.

* * *

Ман аз он чашми хуш он рӯз шудам тавбашикан,
Ки набуд аз маю аз майкада осор ҳанӯз.

* * *

Дар роҳи ишқ ҳар ки ба ман иқтидо кунад,
Бояд, ки сар бибозаду ҷонро фидо кунад.
Девонавор хонаи ҳастӣ кунад хароб,
Ҳар к-ӯ асоси ишқи ҳақиқӣ бапо кунад.

* * *

Камар ба хидмати ту ҳар кӣ баст, шоҳонаш
Ба қадри мартаба соҳибкулоҳ мехонанд.

* * *

Зи ранги хирқаву з-ин руқъа бӯйи дарде нест,
Чу дарди ишқ надорӣ, либоси фақр чӣ суд?!

* * *

Натъи[1] Камол хуштар аз фарши подшоҳон,
К-аз бӯриёи риндон бӯи риё наёяд.

* * *

Бикӯш, то ба каф орӣ калиди ганҷи вуҷуд,
Ки бе талаб натавон ёфт гавҳари мақсуд.

* * *

Дар сар ҳавои туст маро беҳтарин ҳавас,
Боқӣ ҳар он чи ҳаст, ҳавову ҳавас бувад.

* * *

Муддаӣ нест маҳрами дили ёр,
Ходими Каъба Бӯлаҳаб[2] набувад.

[1] натъ – фарш, қолин

[2] Бӯлаҳаб – амуи Пайғамбар (с), ки бо вуҷуди аз ҳошимиён – бониёни Каъба будан, аз ҳидоят бӯйе набурд ва шарафи хидмат бар меъмори ҳарам – Муҳаммадро (с) дарнаёфт.

* * *

Бо бехабар кам кун, Камол, аз хоки пойи ӯ сухан,
Чӣ суд, агар куҳли басар дар чашми нобино равад.

* * *

Мард то рӯй наёрад зи ду олам ба Худой,
Мустафовор гузини ҳама олам нашавад.

* * *

Касе, ки лавҳи дил аз нақши ғайр пок нашуст,
Ба ҳашр номаи ӯро сиёҳ мехонанд.

* * *

Гарчи мебандад дари дорушшифо[1] бар ман табиб,
Ҳалқае чун мезанам бар дар, ҷавобе медиҳад.

* * *

Ҷаҳон ба хобу даме чашми ман наёсояд,
Чу дил ба ҷой набошад, чӣ гуна хоб ояд?

* * *

Чу моя ҳаст, закоте бидеҳ гадоёнро,
Ки некӯиву ҷавонӣ ба кас намепояд.

* * *

Эй дида, лавҳи чеҳраро бо ашки рангин нақш кун,
Нақши рухе дорӣ ҳавас, бинвис панди мо ба зар.

[1] дорушшифо - дармонгоҳ

* * *

Касе, ки дар дили шаб хоби беғаме кардаст,
Бар оби дидаи бечорагон набахшояд.

* * *

Агар равад зи дили реши ман ба гардун дуд,
Бисӯзад абру аз ӯ жола лолагун ояд,
Бубин тафовути раҳ, эй фақеҳи хушкдимоғ,
Туро зи биниву моро зи дида хун ояд.

* * *

Накди ду олам бинеҳ, Камол, ки ин ҷо
Ҷони гаронмоя дар шумор наёяд.

* * *

Ошиқ нахост дунё аз дӯст, балки уқбо,
Ҳирсу лаимтабъӣ аз подшо наёяд.

* * *

Васли ӯ монда, чаро давлати уқбо талабед?!
Давлатеро, ки беҳ аз дунйиву уқбо, талабед!
Дӯстдорон, ба ҷуз аз дӯст махоҳед зи дӯст,
Ки набошад беҳ аз ӯ, ҳарчи аз ӯ металабед.

* * *

Раҳ кушуданд, бор барбандед,
Хештан зери бор мапсандед!

* * *

Равон нагашта ба саҷҷода ашк сӯфиро,
Чӣ суд вирд, ки ворид наметавонад дид?!

* * *

Дӣ дар аснои сухан гуфт: Фалонӣ саги мост,
Ҳаст дар гӯши ман он лаззати гуфтор ҳанӯз.

* * *

Чун намехоҳам, ки бошам якзамон бе дарди ӯ,
Бо чунин дарде гарам дармон набошад, гӯ, мабош!

* * *

Манзили мақсуд наздик асту раҳ эмин, Камол,
Лек то он ҷо зи худ гар нагзарӣ, натвон расид.

* * *

Рӯ ба роҳ ор чу мардону зи сар соз қадам,
В-арна, ҳаққо, ки ту аз ақл набошӣ маъзур.

* * *

То қадам бар сари ҳастӣ наниҳад мард, Камол,
Кас нахонад ба ҷаҳон ошиқи собитқадамаш.

* * *

Бар аҳли зуҳд табассумкунон гузашту бигуфт:
Аҷаб, ки умр гузашту ҳанӯз бехабаред.

* * *

Сӯхтед аз аташ, эй аҳли вараъ, бе майи ишқ,
Ки чу хушкед, бисӯзед, ки хуш месӯзед.

* * *

«Ҳидоя»[1] хондиву ҳеҷат ҳидояте нарасид,
Ано кашидиву з-он сӯ иноятe нарасид.
Зи хони илм, ки пурнуқли ҳикмат аст, туро
Бурун зи нақли ҳадису ривояте нарасид.

* * *

Раҳнамоёни ишқ оинаанд,
Пеши оина дам фурӯ бандед.
То намояд рухи шумо ба шумо,
Гар ҳама тӯтиву ҳама қандед.

* * *

Туро чӣ суд ба рӯзи ҷазо виқояву ҷузв,
Чу аз виқояи афваш ҳимояте нарасид.

* * *

Ишқ ганҷ асту рақибо, андар ин раҳ ҳамчу мор,
Баҳри ганҷи ишқ захми мор мебояд кашид.

[1] «Ҳидоя» – аз маъруфтарин ва муҳимтарин китобҳои фиқҳии ҳанафиён, ки аз ҷониби Бурҳонуддин Марғинонии Ҳанафӣ (ваф. 593/1196) навишта шудааст.

* * *

Миёни ҳар мижа чашмам ба ҳайрат аст, ки ашк
Ба пои обила дар хорҳо чӣ гуна давид?

* * *

Хуррам он дил, ки баҳорон пайи тартиби димоғ,
Бонги мурғи чаману бӯйи гули тоза шунид.

* * *

Ваъз дар маҷлисиён ҳеҷ намекард асар,
Дардманди ту зад оҳе, ҳамаро гирёнид.

* * *

Ҳар гул, ки зи хоки ман бирӯяд,
Ошиқ шавад он ки он бибӯяд.
Дар домани дӯст хоҳад овехт
Хоре, ки зи турбатам бирӯяд.

* * *

Зоҳид ҳунар шиносад айби худошиносон,
Имрӯз айби риндон ҷуз порсо кӣ гӯяд?!

* * *

Баргрезони умр наздик шуд,
Хира-хира чу гул чӣ механдед?!

* * *

Кӯҳҳо дар нолаанд аз риққати мастони Тур,
З-ин ҳама шӯру шағаб боре садое бишнавед.
Навбати Қайсар гузашт, он салтанат дар қасри мост,
Навбати шоҳӣ зи айвони гадое бишнавед.

* * *

Бибояд бар он дида бигрист зор,
Ки маҳрум монад зи дидори ёр.

* * *

Бар он пой дорем сар, то ки ҳаст,
Ҳамин асту бас давлати пойдор.

* * *

Чун ба дардаш ҷон диҳам, созед мурғе аз гилам,
То занад бар ҷои тири аввалам тири дигар.

* * *

Ҳадиси ишқ магӯ ҷуз ба ринди бодапараст,
Ки аҳли зуҳд надонанд сирри ин асрор.

* * *

Ту гар зи мастиву ҳастӣ, зи ҷумла бехабарӣ,
Бинӯш ҷоми майи ишқ, то шавӣ ҳушёр.

* * *

Ин муҳол аст, ки мо ҳар ду зи ҳам металабем,
Ман зи ту меҳру вафову ту зи ман сабру қарор.

* * *

Хуш насимест бӯи суҳбати ёр,
Хуш наимест васли беағёр.

* * *

Пирони кордида шиносанд қадри ҳусн,
Дар рӯзгори ҳусни ту моем пири кор.

* * *

Бечора ғофилон, ки надоранд дарди ишқ,
Машғул гаштаанд ба тазйеъи рӯзгор.

* * *

Гар нест дар даруни ту сӯзе ба сони шамъ,
Боре бурун, риё бувад, ин ашкро маёр.

* * *

Гӯянд: Куштагони муҳаббат намурдаанд,
Ман мирам аз барои ту рӯзе ҳазор бор.

* * *

Бӯе чу бурдаӣ зи гулистони маърифат,
Зинҳор, эй Камол, ҳикоят макун ба хор.

* * *

Бе ишқ фақеҳро чӣ савдост,
Бо дониши кам, китоби бисёр?

* * *

Соҳиби дард шиносад, ки чӣ лаззат дорад
Он ҳаловат, ки ба маҷрӯҳ расад аз аламаш.

* * *

Бар сари кӯйи ту гар будӣ маро роҳи гузар,
Гоҳ мерафтам ба дида, гоҳ мерафтам ба сар.
Мурғ агар аз нолаи шабҳои ман мекард хоб,
То равам пеши ту, медуздидам аз вай болу пар.

* * *

Ба рӯи дӯст на танҳо ману ту ҳайронем,
Ҳазор булбули мастанд андар ин гулзор.

* * *

Гар бар кабӯтар номаи шавқам гаронӣ мекунад,
Гӯ, нома бигзору маро бар пар бигир, он ҷо бубар.

* * *

Лаҳза-лаҳза рухам аз хоки дарат тозатар аст,
Тозатар мешавад аз хок, бале, гунаи зар.

* * *

Хоки роҳи туам он рӯз, ки омад ба назар,
Хоб дар чашми мани хаста наёмад дигар.

* * *

Сурх гардад ҳар кӣ ӯ ҳар сӯ давад,
Ашки мо сурх аз давидан шуд магар?

* * *

Гар қабули ту фитад аз мани бедил сару зар,
Ҳар ду пеши ту фиристам маъа шайъин охар[1].

* * *

Ҳар кӣ пеши ту равад, то ба ман орад хабарат,
Чун туро дид, аҷаб, гар дигар ояд ба хабар.

* * *

Пеши соҳибназарон ҷой нигаҳ дор, эй ашк!
Нест бархостан имкон, чу фитодӣ зи назар.

* * *

Кас бар он дар натавонист равон рафт, Камол,
Ғайри ашки туву он низ ба сад хуни ҷигар.

* * *

Гарчи бошад ёру ғамхорат басе,
Аз мани мухлис набошад ёртар.

[1] Яъне: Ҳамроҳ бо чизе дигар.

* * *

Гуфтӣ: Аз мо бигзару осон бизӣ,
Нест бар ман кор аз ин душвортар.

* * *

Мо ба дилбанд аз азал бастем аҳд,
Аҳд аз ӯ кардан дигар натвон дигар.

* * *

Саре, ки доштам, андохтам ба пои ту, ҳайф,
Ки нестам сари дигар барои пои дигар.

* * *

Ҷаҳон бо ҷумла лаззоташ ба занбӯри асал монад,
Ки ширинӣ-ш бисёр асту з-он афзун шару шӯраш.

* * *

Бод аст ба гӯшу ҳуши Маҷнун,
Панди падару насиҳати пир.

* * *

Давр даври гулу айёми нишот асту баҳор,
Чун тавон буд дар ин вақт зи ёрон маҳҷур?

* * *

Нимаи шаҳр зи оҳам нашунидӣ, ки бисӯхт,
Ба ғарибон назаре, то назанем оҳи дигар.

* * *

Танам аз рӯҳ бимонд, аз пайи он ҳур бирафт,
Оҳ, аз ин хаста чӣ ояд ба ҷуз аз аҷзу қусур.
Нурам аз дида бирафтаст, чу Юсуф биравад,
Лоҷарам дидаи Яъқуб бимонад бе нур.

* * *

Ношиносе ду-се гӯсолапарастанд, чӣ суд,
Сабр кун, то бирасад Мӯсии Имрон аз Тур.

* * *

Аз лавҳи ҷон ба хуни дили хастаи Камол,
Нақши хаёли ғайри ту бистурдаем боз.

* * *

Мурғи рӯҳам ба ту худро бинамояд паси марг,
То ба тир афканадам ғамзаи сайёди ту боз.

* * *

Мо харидем агар фурӯшад дӯст,
Ним нозе ба сад ҳазор ниёз.

* * *

Чу зар мо бедилон софем бо ту,
Чу қалбе нест моро, беш магдоз.

* * *

Камол, ин ҳалқа бар сандон задан чист?
Гарат ҷонест, дар боз аст, дарбоз!

* * *

Остони дари ту манзили шаҳбозон аст,
Магасонро чӣ маҳал бар сари кӯят парвоз?!

* * *

Маҷлиси мо ба ҳузури ту чунон аст имрӯз,
Ки камин ходими ӯ ҳуру ҷинон аст имрӯз.

* * *

Ноумед аз карами Ҳақ натавон буд, Камол,
Моҳи пинҳоншударо ҳам бирасад вақти зуҳур.

* * *

Гарчи дил аз марази ишқи ту аз хеш бирафт,
Орзуи ту нарафт аз дили бемор ҳанӯз.

* * *

Рафта бар осмон дуои ҳама,
Ҳоҷати ошиқон раво на ҳанӯз.

* * *

Чу ишқ омад, эй ақл, хезу гурез,
Ки хошок накнад ба оташ ситез.

* * *

Ҳанӯз андар сарам меҳри ту бошад,
Агар аз хоки ман рӯяд гиё низ.

* * *

Сари худ бар он пой дорам мудом,
Ҳамин давлатам пойдор асту бас.

* * *

Аз ёр дину дунё бошад муроди ҳар кас,
Мегӯй ҳар чи хоҳӣ, ман ёр хоҳаму бас.

* * *

То хушку тар насӯзӣ, маншин ба дилфурӯзӣ,
Парвона сӯхт, он гаҳ бо шамъ шуд муҷолис.

* * *

Дило, насими иноят вазид, ҳозир бош,
Расид мужда, ки дилбар расид, ҳозир бош!

* * *

Хоҳӣ, ки пеши зиндадилон муҳтарам шавӣ,
Дар майкада муҷовири Байтулҳаром бош.

* * *

Кори васли ӯ агар осон барояд, давлатест
В-арна гар кори дигар осон набошад, гӯ, мабош!

* * *

Сулаймон ку, ки дар ҷавви ҳаво маҳдаш кашидандӣ,
Кунун чун ҷав шуд андар хоку ҳар сӯ мекашад мӯраш.

* * *

Мо ба шодии ҷаҳоне нафурӯшем ғамаш,
Давлат ин аст, ки мо ёфтаем аз ситамаш.

* * *

Солик он аст, ки ҳар дам зи сари роҳи вуҷуд
Бубарад ҷозибаи ишқ ба кӯйи адамаш.

* * *

Дил, ки дилдоре надорад, дил нашояд хонданаш,
Нест ошиқ, гар набошад расми ҷон афшонданаш.

* * *

Пеши рӯи дӯст аз носӯхтан тарсад Камол,
Зоҳидо, то кай зи оташ дам ба дам тарсонданаш.

* * *

Дил дар каманди зулфи ту, гӯ, мекун изтироб,
Сайёдро зи мурғ хуш ояд тапиданаш.

* * *

Чу Ҷам ба ҷом қаноат куну Сикандарвор
Ба ҳарза дар талаби чизи нониҳода макӯш.

* * *

Қиссаҳо хондиву нашнид аз ту ҳам ҳарфе, Камол,
Андалеб аз сад варақ баргуфт ҳолу гул хамӯш.

* * *

Чун равам бар асари ӯ, марав, эй соя, ба ман,
Ки таҳаммул накунад бори гарон хоки раҳаш.

* * *

Пеши ман қиссаи ошиққушии ӯ макунед,
Тарсам, ин бишнавам, аз дил биравад ғамҳояш.

* * *

Гуфтаӣ: Бе рухи мо кори ту сабр аст, Камол!
Ин намеояд аз ӯ, кори дигар фармояш.

* * *

Нестам дастраси он ки бибӯсам пояш,
Сар бирафту зи сари ман наравад савдояш.

* * *

Ошиқ ар сирри дили хеш наёрад ба забон,
Худ гувоҳӣ диҳад аз ҳоли дарун симояш.

* * *

Мо ба фарёд омадем аз нолаи шабҳои хеш,
Пурсише мекун зи ранҷурони шабпаймои хеш.
Бо ҳама хандонлабӣ бар ман бигиряд шамъи ҷамъ,
Гар бар ӯ пайдо кунам ин сӯзи нопайдои хеш.

* * *

Эй дил, ту ғами ашки равон хур, на ғами ҷон,
Аз омаданӣ фикр кун, аз рафта маяндеш.

* * *

Чу дил ҳадиси ту гӯяд, зи дида хун бичакад,
Равад ҳароина хун, чун даҳан гушояд реш.

* * *

Дило, чу толиби васлӣ, зи оби дида манол,
Ки дур(р) ба чанг наёяд, чу дам занад ғаввос[1].

* * *

Муроди ҳар ду ҷаҳон ёфтам ба давлати дӯст,
Даме, ки ёфтам аз меҳнати рақиб халос.

* * *

Биё, ки бар ту кунам арзи сӯзу дарди ниҳон,
Ки аз табиб напӯшанд хастагон амроз.

* * *

Чу бӯйи дӯст шунидему кӯйи ӯ дидем,
Дигар ҳавои раёҳин чаро кунему риёз?

[1] ғаввос – бо об фурӯраванда; касе, ки барои ба даст овардани марворид ба об фурӯ меравад.

* * *

Ту мустаъидди назар шав, Камолу қобили файз,
Ки мунқатеъ нашавад файз ҳаргиз аз файёз.

* * *

То дину дил ниҳодем дар вақҳи дилситонон,
Сад шукр, к-ин захира шуд сарф дар масориф[1].

* * *

Ту латифӣ, хоҳ дар дил, хоҳ дар чашм о фурӯ,
Қатраи борон бувад дар пасту дар боло латиф.

* * *

Камол, ар гуфтӣ аз дил ғарқи хунам,
Баёни воқеӣ кардӣ, на иғроқ.

* * *

Ҳавои васли ту дорад ғариқи баҳри фироқ,
Чу ташнае, ки ба оби равон бувад муштоқ.

* * *

Ба масҷид ҳафтае аз ту кучо як сақдаи лоиқ,
Ки дар одинаӣ зоҳид, ба шаш рӯзи дигар фосиқ.

* * *

Ба роҳи ишқ агар пой бишканад сӯфӣ,
Зи гашти кӯйи бутон то сарат бақост, маланг!

[1] масориф – ҷои сарф ва харҷ

* * *

Зоҳидо, ризқ аз азал бинҳодаанд,
Дар кафи мо ҷому дар дасти ту санг.

* * *

Ба ман ҳар ғам, к-аз ӯ ояд, равад оҳ
Ба истиқболи ӯ то ним фарсанг.

* * *

Дил сӯи боли ту бечӯн нарафт,
Мурғ ба боло наравад ҷуз ба бол.

* * *

Ишқ ҳарфест, ки дол аст бар оёти камол,
Он ки дар қол фурӯ монд, нашуд воқифи ҳол.

* * *

Ҳар кас аз моидаи васл насибе талабад,
То киро бахт нишонад ба сари хони висол.

* * *

Ҷои он аст, ки чун соя равад сарв зи ҷой,
Гар бигӯянд ба бустон сифати болояш.

* * *

Зоҳир он аст, ки аз лаззати ҷон бехабар аст,
Ҳар киро нест дил аз ҷониби хубон моил.

* * *

Маро гӯянд: Ошиқ гарду бедил,
Чӣ кор ояд маро таҳсили ҳосил?!
Маро чун дид гирён, гуфт: Рафтам,
Ки борон асту хоҳад роҳ шуд гил.

* * *

Ҳанӯз осори буди мо набуд аз обу гил пайдо,
Ки дар кӯи парирӯён фурӯ шуд пойи мо дар гил.

* * *

Ба васли суҳбати Юсуф, азизи ман, машитоб,
Ҷамоли ёр набинӣ магар ба сабри ҷамил.

* * *

Дидаи тира агар гарди раҳат созад куҳл,
Хоки пои ту маро дида шавад аз ду-се мил.
Нили Миср аст ду чашми ману ту Юсуфи Миср,
Баҳри наззора, Худоро, бинишин бар лаби Нил.

* * *

Дину дунё фишонд бар ту Камол,
Ки ҳамин дошт ӯ касиру қалил[1].

* * *

Набинам ҳаргиз он рӯзе, ки бе дӯст
Бубинам сина беғам, дида бенам.

[1] касиру қалил – зиёду кам, ҳарчи ҳаст

* * *

Шаби фироқ мапурсед аз Камол ҳикоят,
Чу гул бирафт, наёяд зи андалеб такаллум.

* * *

Ҳаст маро орзу як-ду мурод аз ҷаҳон,
Суҳбати ёрони хуш, сиҳҳату шурби мудом.

* * *

Завқи дарунийю дард лозимаи ошиқист,
Ҳар кӣ дар ӯ ин ду нест, ишқ бар ӯ шуд ҳаром.

* * *

Бишнав, ки бо Юсуф чӣ гуфт он пирзан гирякунон:
Гар бар дирам қодир наям, боре харидори туам.

* * *

Чашми ҳақдида куҷо бастаи фардо бошад?
Ошиқу ваъдаи таъхир, зиҳӣ амри муҳол!

* * *

Ман ба ҷонон зи ҷон гурехтаам
В-аз ҷафои ҷаҳон гурехтаам.
Офарин бар гурезпоии ман,
К-аз ғами ину он гурехтаам.

* * *

Мани дилхаста ба дарди ту даво ёфтаам,
Ранҷҳо дидаву имрӯз шифо ёфтаам.
Мурда бо дарди туву зиндаи ҷовид шуда,
Шуда дар ишқи ту фониву бақо ёфтаам.

* * *

Ман тарки зуҳд кардаву риндӣ гузидаам,
Хошоки роҳ додаву гавҳар харидаам.

* * *

Дар ҳайратам, ки бе ту чаро мурда нестам,
Дар хиҷлатам, ки бе ту чаро зинда мондаам.

* * *

Ман бад-ин дар бандаам то зиндаам,
То чунинам зиндаву пояндаам.

* * *

Ҳоли бедории шамъ аз дили ранҷур бипурс,
Ки чӣ омад ба сар аз дидаи шабпаймояш.

* * *

Он ёр ба ман сад раҳ наздиктар аст аз ман
Гар дур ба сад манзил аз ёру диёр афтам.

* * *

Мо на ошуфтаи нақшем, ки дар обу гил аст,
Назари пок набошад нигарон бар хату хол.

* * *

Гарчи гадоему кам аз хоки роҳ,
Бар сари роҳе гуҳаре ёфтам.
Ин ҳама иксири саодат, Камол,
Аз талаби хоки даре ёфтам.

* * *

Қиссаи сӯзи даруни хеш ба мардум
Мурдаму чун шамъ дар миён наниҳодам.

* * *

Бар фалак нолаи ман гӯши малоик кар сохт,
Оҳ, агар дар дили шабҳо шунавӣ фарёдам.

* * *

Пой аз сар мекунам пешаш чу шамъ,
Гарчи аз по то ба сар месӯзадам.

* * *

Басе дард аз ғами ишқаш кашидам,
Зи бедардӣ батар дарде надидам.

* * *

Рафтӣ зи барам оқибат, эй шӯхи ҷафокеш,
Аз дида бирафтиву нарафтӣ зи дили реш.

* * *

Зуҳд дар савмаа меварзаму ин риндӣ нест,
Риндӣ он аст, ки дар майкада зоҳид бошам.

* * *

Касе ба хок чунон бедареғ дона нарехт,
Ки мо ба кӯйи ту дурҳои дона-донаи чашм.

* * *

То навиштам сифати рӯи ту дар дафтари хеш,
Бӯи гул мешунаванд аз варақи ашъорам.

* * *

Ҷон дораму дил дорам, сар дораму зар дорам,
Гар аз ту расад фармон, дил аз ҳама бардорам.

* * *

Ҳар хишт, к-аз хокам занад дасти аҷал, кардам биҳил,
Лекин ба шарте, к-афканад дар пойдевори туам.

* * *

Ман ҳеҷ намемонам бо зоҳиди хушк, аммо
Ӯ домани тар дорад, ман дидаи тар дорам.

* * *

Гӯянд, Камол, аз сари кӯяш сафаре кун,
Побастааму қуввати рафтор надорам.

* * *

Ба меҳри рухат оламе дорам имрӯз,
Ки як зарра парвои олам надорам.

* * *

Ғами дӯст ман муғтанам мешуморам,
Нишоте, ки бе ӯст, ғам мешуморам.

* * *

Дигарон ҷон мекананд аз ҳасрати молу манол,
Ман ба мулки нестӣ, имрӯз ҷон мепарварам.

* * *

Хоки поят бар сари ман миннат аст,
Бод ин миннат ҳамеша бар сарам.

* * *

Мурдаам дар ҳаваси он ки бувад фурсати онам,
Ки ниҳӣ пой дар ин дидаву дар пойи ту мирам.

* * *

З-он дам, ки ту омадӣ ба хотир,
Фикри ҳама рафт аз замирам.

* * *

Ман чу шамъам, ки гарам сӯз ба поён бирасад,
Сӯхтан пеши рухи дӯст зи сар оғозам.

* * *

Нақди ҷон чист, ки дар домани ҷонон резам,
Гар бихоҳад, зи сари ҳар ду ҷаҳон бархезам.

* * *

Маро дар ҷаннати аъло қарори дил куҷо бошад,
Ки ҷуз хоки дараш оромгоҳи худ намедонам.

* * *

Бе ту нафасе, ки зинда монам,
Гар мекушиям, сазои онам.

* * *

Пеши чашми ман муқобил ҷуз хаёли рӯи дӯст,
Ҳар кӣ зад хайма, ҳама мехи танобаш барканам.

* * *

Оҳи гармам хонаи дил то насӯзонад ба дам,
Мезанам ҳар соате, аз хона берун мекунам.

* * *

Гар бигӯям пеши ёрон дарди беёрии хеш,
Бар мани бедил бигиряд ёр ҳам, ағёр ҳам.

* * *

Бар он хон, ки нуқлаш кабоби дил аст,
Нахустин, ғаматро сало гуфтаем.

* * *

Бо ҳеч касе кор надорем дар ин мулк,
Моро бигузоред дар ин ҳол, ки ҳастем.

* * *

То пай набарад кас ба сири мо зи дари халқ
Бархоста дар кунҷи харобот нишастем.

* * *

Ғамат гуфто: Бигӯед андар ин роҳ
Ба тарки ҷону сар! Гуфтем, гуфтем.

* * *

Гар варақи умри мо тамом бипечанд,
Мо сари тӯмори дӯстӣ нанавардем.

* * *

Симу зару ҷону сар бар он дар,
Ҳар чор ба ихтиёр бурдем.

* * *

Мо хонаи дил ҷои таманнои ту кардем.
Дар хона чароғ аз рухи зебои ту кардем.

* * *

Дорем сурхрӯй аз ашкҳои рангин,
Чун шамъ агарчи гирён бо чеҳраҳои зардем.

* * *

Ҳар мардро камоле бошад зи рӯи ҳиммат,
Моро, Камол, ин бас, к-аз ҳар ду кавн фардем.

* * *

Мо ба савдои ту доман зи ҷаҳон барчидем,
Меҳнати ишқи ту бар роҳати ҷон бигзидем.
Пеш аз он дам, ки набуд аз дилу ҷон осоре,
Дар миёни дилу ҷон меҳри ту меварзидем.

* * *

Роҳ паймуд басе дар талаби дӯст, Камол,
Дӯст дар хонаву мо гирди ҷаҳон гардидем.

* * *

Аз дили сӯхтаи мо чӣ хабар дорад шамъ,
Беш аз ин нест, ки дар гиря ба ҳам монандем.

* * *

Гӯянд: Камол аз ишқ шуд шуҳра ба гумномӣ,
Чун зарра гумем, аммо аз меҳри ту машҳурем.

* * *

Моро ба рӯзи воқеа хотир бад-он хуш аст,
К-аз хоки остони ту тасдеъ мебарем.

* * *

Гар ҷон талаб кунад зи ту ҷонон, бидеҳ, Камол,
Мо ҷинси орият ба худованд биспарем.

* * *

Гуфтам: Ба дайр бо ту расам, ё ба Каъба? Гуфт:
Моро ба ҳар мақом, ки ҷӯянд, ҳозирем.

* * *

Дида чу дид офтоб, зарра наёрад ба чашм,
Мо, ки туро дидаем, беш ба худ нангарем.

* * *

Мо аз ту суханвари ҷаҳонем,
Соҳибназарему нуктадонем.

* * *

Мо на онем, ки гар хок шавад қолаби мо,
Гарди савдои ту аз домани ҷон афшонем.

* * *

Обрӯ боядат, бигӯй, Камол,
Ба тафохур, ки хоки он кӯям.

* * *

Фикри ту мекунем дар он дам, ки хомушем,
Зикри ту мекунем замоне, ки нотиқем.

* * *

Гар хотири азизи азизон хилофи мост,
Бо хотири азизи азизон мувофиқем.

* * *

Суҳбати ёр биҳиштест пур аз нозу наим,
Эй хуш он дам, ки ба мо ояд аз он равза насим.

* * *

Нест ҳамдам ҷуз ба дарду ғам Камол,
Хуш бувад суҳбат ба ёрони қадим.

* * *

Огаҳ аз рози шамъ парвона-ст,
Ту чӣ донӣ забони сӯхтагон?!

* * *

Хоҷа, чаро нишастаӣ, хез, ки рафт корвон,
Бор бубанду шав ту ҳам дар пайи корвон равон.
Қасри амал чӣ мекунӣ, равзани дилгушо бубин,
Кулбаи фақр хуштар аз шоҳнишини хусравон.
Рехт баҳори зиндагӣ барги худу ту бехабар,
Бар сари гул чу наргисӣ масти шароби арғувон.

* * *

Аз гиря об аз хонаи чашми Камол омад бурун,
Бошад харобӣ хонаро аксар зи борон рехтан.

* * *

Гӯянд: Дил зи ҷонон баргир! Ҳоша лиллоҳ[1].
Ҳаргиз, чӣ гуна аз ҷон дил бартавон гирифтан?!

* * *

Чашм дорӣ, эй кабӯтар, ин чӣ густохист боз,
Номае, к-он ҷост номи ӯ, ба пар бардоштан.

* * *

Ҳар кас чу бод аз он кӯ бархостанду рафтанд,
Мо – хокиён бар он дар биншаста ҳамчу гардем.

* * *

Ҳамчу шамъ аз ангубин комам зи ширинӣ бисӯхт,
То гирифтам номи он лаб бар забони хештан.

* * *

Ба суҷуд пеши қибла биниҳам хаёли рӯят,
Ки ҳузур бояд аввал, пас аз он намоз кардан.

* * *

Ба ҳусн оина мегӯяд, ки ҳастам чун маҳи рӯяш,
Ман он рӯсахтро бо дӯст хоҳам рӯ ба рӯ кардан.

[1] Ҳоша лиллоҳ – паноҳ ба Худо; чунин мабод! Ҷумлаест, ки дар ҳоли ҳайрату нигаронии сахт ё пешомади номақбул гуфта мешавад.

* * *

Ҳадиси ҳусни гул нозук ҳадисест,
Зи булбул бояд ин маънӣ шунидан.

* * *

Рақибам арчи насиҳат кунад, вале натавон
Ба бонги ҳар саге аз кӯйи дӯст гардидан.

* * *

Дилу динро зи дарвешӣ бубахшидам ба дарвеше,
Биёмӯзед, эй шоҳон, аз ин дарвеш бахшидан.

* * *

З-ин сон, ки дил ба «Ё Раб» з-он ғамза хост тире,
Як тир бар нишона хоҳад яқин расидан.

* * *

Нест хоки дари ӯ холӣ аз омадшуди ашк,
Рӯ ниҳад соили афтода ба даргоҳи карим.

* * *

Ҳар кас ба дафъи дарде ором ҷӯяду ман,
То дарди ӯ набинам, натвонам орамидан.

* * *

Шукуфт, эй боғбон, атрофи гулзор,
Қафас бар андалеби зор бишкан.

* * *

Гуфтай: Хоки дари мост Камол,
Хокро ин ҳама эъзоз макун.

* * *

Камол, ин шараф то қиёмат туро бас,
Ки гӯяд: Фалонист дар хидмати ман.

* * *

Шаб ҳама шаб ашк мерезам ба зорӣ ҳамчу шамъ,
Нисбате дорад ҳамоно дарди ӯ бо дарди ман.

* * *

Абри тардоман ҳамегиряд зи ашки гарми ман,
Кӯҳи сангиндил ҳаменолад зи оҳи сарди ман.

* * *

Ҳеч кас гирди мани хаста нагардад ҷуз ашк,
Оҳу фарёд зи баргаштагии ахтари ман.

* * *

Ақл гуфт: Андешаи дур аст азми кӯйи дӯст,
Хок бар андешаҳои ақли дурандеши ман!

* * *

Гар наёрад ба забон сӯзи ту чун шамъ, Камол,
Худ гувоҳ аст бар ӯ гунаи рухсораи ман.

* * *

Толиби симурғ бошу кимиё, лекин маҷӯй
Аз бутон меҳру вафо в-аз ошиқон сабру сукун.

* * *

Сӯзи мо аз гиря шуд чун оташ аз равған зиёд,
Шамъро аз ашк меояд фузун сӯзи дарун.

* * *

Ҳар куҷо бошад нишони пойи ӯ, он ҷо ба чашм
Хок бардорам чандоне, ки об ояд бурун.

* * *

Зи нӯҳ равоқи фалак бартар аст хонаи ишқ,
Гумон мабар, ки кас он ҷо расад ба ҳиммати дун[1].

* * *

Ба ҷаври дӯст ризо деҳ Камолу ҳеч магӯй,
Ки дар тариқи муҳаббат чаро нагунҷаду чун.

* * *

Ҷуръае бар сари хок аз майи ишқ афшонданд,
Аршу курсӣ ҳама бар хок ниҳоданд ҷабин.

* * *

Муфлиси ишқ надорад ҳаваси мансабу ҷоҳ,
Хоки ин раҳ беҳ аз мамлакати рӯи замин.

[1] дун – паст

* * *

Хоки пойи ту ба тоҷи салтанат надҳад Камол,
Гарчи дарвеш аст, бингар ҳиммати волои ӯ.

* * *

Сад гӯши дигарам зи Худо бошад орзу,
Рӯзе, ки бишнавам зи расуле паёми ту.

* * *

То наяфтад рози мо бар рӯи рӯз,
Эй сиришк, имшаб зи пеши рӯ бирав.

* * *

Дар роҳи ғамаш ба сар рав, эй дил,
К-ин аст тариқу шарти ин роҳ.

* * *

Ғарқи дарёи оташу об аст
Ҷони ошиқ миёни гиряву оҳ.

* * *

Дар миёни хуни мижгон оқибат ашки Камол,
Хок шуд аз интизори ӯ, сақаллоҳу сароҳ[1].

* * *

Майли шоҳӣ накунад ҳар кӣ гадои ту бувад,
З-он ки ин манзалат аз давлати султонӣ беҳ.

[1] сақаллоҳу сароҳ – Худованд хокҷояшро аз раҳмати хеш сероб созад.

* * *

Гарчи ҷон лоиқи он ҷону ҷаҳон нест, Камол,
Ҳолиё, он чи ба даст аст, барафшонӣ беҳ.

* * *

Заҳмат мабину ранҷ мабар, эй табиби ман,
Ин дарди ошиқист, мудово чӣ фоида?

* * *

Гар нестам ба меҳрат содиқ чу субҳ, бодо,
Ҳамчун шафақ пур аз хун рухсорам аз ду дида!

* * *

Дар сӯҳбати соҳибназарон бор надорад
Соҳибҳаваси бори маломат накашида.

* * *

Ту гӯш ниҳодастиву мо дида ба дидор,
Аз дида басе фарқ бувад то ба шунида.

* * *

Агар гул андалебонро накуштаст,
Чӣ хун аст ин бар он доман чакида?

* * *

Хонаи банда бандахонаи туст,
Хайри мақдам, хуш омадӣ, фармой!

* * *

Хонаи туст дилу дида, зи борони сиришк
Гар аз ин хона чакад об, дар он хона дарой.

* * *

Гар гум шавӣ аз худ, хабари ёр биёбӣ,
Чун ёфтӣ он, гумшуда бисёр биёбӣ.
Бо Мӯсии дидорталаб ваъда ҳамин буд:
Гар маҳв шавӣ, давлати дидор биёбӣ.

* * *

Гирӣ[1] бар хеш чун абри баҳорон,
Ки сарсабзӣ аз ин борон биёбӣ.

* * *

Ба дунон кам нишин, к-аз суҳбати дун,
Мақоми қурби «ав адно»[2] наёбӣ.

* * *

То хилвати дил холӣ аз ағёр наёбӣ,
Бому дари он хона пур аз ёр наёбӣ.

---

[1] гирӣ – бигирй, гиря намо

[2] ав адно – ё наздиктар. Мурод таъбирест, ки дар сураи Нағм, ояти 9 истифода ёфтааст ва ифодагари наздикии Расулуллоҳ (с) ва Ҷабраил (а) аст. Иддае аз сӯфиён ин матлабро ба фосилаи наздикӣ байни Худову Муҳаммад (с) таъвил намудаанд.

* * *

Бедор шав, он гаҳ талаб он рӯй, ки ҳаргиз
Дар хоби худ ин давлати бедор наёбӣ.

* * *

Дар дидаи ман ҷумла хаёланду ту нақшӣ,
Дар хотири ман ҷумла фаромӯшу ту ёдӣ.

* * *

Тариқи ошиқон баргиру сӯи дардмандон шав,
Ки беишқиву бедардӣ набошад шеваи мардӣ.

* * *

Дарнагирад гуфтугӯи ҳосидон бо ман, ки ман
Ҳамчу шамъ аз сарзаниш сӯзи дил афзун мекунам.

* * *

Гарат нийят на рӯи ӯст аз ҳар саҷда дар қибла,
Бигир аз сар намози худ, ки дар нийят хато кардӣ.

* * *

Дило, аз нола булбул васли гул ёфт,
Чаро зорӣ бад-ин зорӣ накардӣ?

* * *

Дурангӣ нест моро бо ту, илло
Ҳамин бахти сиёҳу рӯйи зарде.

* * *

Месӯхт саропои вуҷудам зи дили гарм,
Гар ман назадам ҳар дам аз ин ғам дами сарде.

* * *

Камол, аз ту ҷуз оҳи дил барнаёмад,
Чӣ хоҳад баромад зи хас ғайри дуде.

* * *

Даъвии зиндадилӣ аз ту накӯ нест, Камол,
Гар шаби фурқати ҷонон сари болин дорӣ.

* * *

Ту чашми он, ки ҳақ бинӣ, надорӣ,
Вагарна ҳар чӣ бинӣ, ҳақ шуморӣ.
Макун айби ғариқ, эй зоҳиди хушк,
К-аз ин дарё ту чун хас барканорӣ.
Зи аҳволи даруни дардмандон
Чӣ гӯям бо ту, чун дарде надорӣ?!

* * *

Каримон туҳфае оранд бо худ пеши мискинон,
Агар ойӣ ту низ он беҳ, ки бар ман раҳмате орӣ.

* * *

Ман кистам, ки варзам савдои чун ту ёре,
Ҳайф оядам, ки гардӣ машғули хоксоре.

* * *

Агар гӯяд: Камол аз хоки роҳи мост ҳам камтар,
Ман ин беҳурматӣ ҷуз иззу ҷоҳи худ намедонам.

* * *

Бастем дар ҳавоят бар худ дари ҳаваспро,
Ғофил касе, ки набвад дар банди ғамгусоре.

* * *

Ҷӯямат гаҳ ба дари Каъбаву гаҳ бар дари дайр,
Чун гадои ту шудам, аз ту шуд ин дарбадарӣ.

* * *

Ҷонат чӣ гуна хонам, ҷонам фидои туст.
Умрат чӣ гуна гӯям, к-аз умр хуштарӣ.

* * *

Дӣ расид аз ҳарами васл хитобам ба гӯш:
Ҳалқае гар бизанӣ, бар ту гушоянд даре.

* * *

Бе иноят ба сӯи дӯст қадам то наниҳӣ,
Ки ба ҷое нарасӣ ҷуз ба чунин роҳбаре.

* * *

Аҳволи даруни дилу беруни харобам,
Муҳтоҷи хабар нест, ки бар ҷумла хабирӣ.

* * *

Гар ба покӣ Хизири вақтиву Руҳулқудусӣ,
То наёбӣ назари аҳли сафо, ҳеч касӣ!
Фарз кардем, ки саҷҷода фикандӣ бар об,
Чун надорӣ гуҳари маърифате, кам зи хасӣ!
То наёрӣ қадам аз манзили ҳастӣ берун,
Солҳо гар биравӣ роҳ, ба ҷое нарасӣ.

* * *

То ҳанӯзат қадаме дар раҳи ҳастист, Камол,
Рав, ки аз мақсади худ дур ба сад фарсангӣ.

* * *

Удест дили сӯхта бар ёди висолат,
К-аз оташи ҳичрони туаш нест малоле.

* * *

Ҳадиси Юсуфи Мисрӣ, ки аҳсанулқасас[1] аст,
Касе ба сӯз нахонад чу пири Канъонӣ.

* * *

Рози маъшуқ ҳадисест ниҳондоштанӣ,
Эй сабо, пеши кас аз қиссаи мо дам назанӣ.

* * *

Бар дараш ҳалқа задам, гуфт: Камол,
Хоки ин дар нашавӣ, дар нашавӣ[2].

[1] аҳсанулқасас – некӯтарини қиссаҳо
[2] дар нашавӣ – дохил нашавӣ, надаропӣ

* * *

Намехоҳад Камол аз ёр ҷуз ёр,
Биёмӯзед, дарвешон, гадой!

* * *

Дар пойи ту ғалтидан корест писандида,
Коре, ки чунин бошад, ҳар дам зи сар оғозам.

* * *

Гар на бо ӯй, агар подшаҳӣ, дарвешӣ
В-ар на бе хешӣ, агар бо ҳамай, танҳой!
Бе ғами ӯ ба ғамӣ, бо ғами ӯ дар тарабӣ,
Бе лаби ӯ магасӣ, бо лаби ӯ ҳалвой.

* * *

Наздиктар зи ҷонӣ наздики мову бо мо
Чун моҳ рӯи худро аз дур менамой.

* * *

Эй дил, макун андеша аз ин роҳ, ки саъб[1] аст,
Навмед нашояд шудан аз лутфи худой.

[1] саъб – мушкил, сахт

* * *

Боғест пур аз гули маонӣ
Девони Камол, тозааш дор!
Шеъри дигарон чу хорбасте
Перомуни ӯ ба ҷои девор,
То сунбулу наргисаш начинанд
Дуздони гули риёзи ашъор.

* * *

Табъи ту, Камол, кимиёест,
К-аз вай сухани ту ҳамчу зар шуд.
Девони ту дӣ яке ҳамехонд,
Дидам, ки даҳон-ш пуршакар шуд.

* * *

Кисатиҳӣ бошу биёсо, Камол,
Ҳар кӣ тиҳикисатар, осудатар.

* * *

Касе, к-аз ишқ давлатманд гардад,
Бияфзояд ҳазорон эътибораш.
Набинӣ, к-аз таашшуқ булбули маст
Яке мурғ асту мехонӣ ҳазораш.

* * *

Касе, ки ӯ пайи дунё зи даст дод диле,
Фурӯхт домани дунё ба камтарин хошок.

* * *

Дар аёдатат агар тасоҳул[1] рафт,
Ту каримиву узри ман мақбул.

* * *

Бадхоҳи ту худро ба бузургӣ чу ту донад,
Лекин масал аст ин ки «чанореву кадуе».

* * *

Гар талабкорӣ, машав дур аз Камол,
Лам таҷид баъдӣ валийян муршидо[2].

* * *

Дар бешаи дунё, ки чарогоҳи дили мост,
Рӯзе ду чаридему чамидему гузаштем.

* * *

Номаи шавқи ман, эй котиб, надорад мақтаъе,
Баъд аз ин бинвис дигар номаҳоро «вассалом!»[3].

[1] тасоҳул – бетаваҷҷуҳӣ, камаҳамиятӣ

[2] Яъне: Пас аз ман орифи раҳнаморо нахоҳӣ ёфт; Ғайр аз ман орифе муршидро пайдо нахоҳӣ кард.

[3] вассалом – ба маънии «тамом шуд», ки одатан ин чумларо дар охири нома менавиштанд.

МИСРАЪ ВА ГУФТОРҲОИ ҲАКИМОНА

Оина ҳамон бех, ки бар ӯ гард набошад.

* * *

Чун ба худ гарм аст, худро меситояд офтоб.

* * *

Лоиқи ҳар гӯш нест донаи дурри самин[1].

* * *

Паси ҳар тирагие равшание ҳаст.

* * *

Оҳиста, ки ин раҳ ба давидан натавон ёфт.

* * *

Шаб гарчи дароз аст, умеди саҳаре ҳаст.

* * *

Ҳоҷати бонг задан нест дили огаҳро.

* * *

Он ҷо, ки оби лутфи Ту, сад неш гашта нӯш.

[1] дурри самин – марвориди қиматбаҳо

* * *

Зи хуршеди ҷамоли ӯ шаби зиндадилон равшан.

* * *

Коми безавқ чӣ донад мазаи ҳалворо?

* * *

Чу ин доғ аз азал омад, бисӯзад то абад моро.

* * *

Айбе набошад сӯи худ теша задан Фарҳодро.

* * *

Бо мурид назарҳост пири муршидро.

* * *

Аз баҳри ҳалво метавон бурдан ҷафои дудро.

* * *

Кас сер надид аз шакари ноб магасро.

* * *

Бо бузургон худситоӣ хуш намеояд маро.

* * *

Ҳукме набувад бар сари девона қаламро.

* * *

Мурғе, ки чаман ёфт, начӯяд таяронро.

* * *

Ҳар дил, ки битарсад зи бало, мард набошад.

* * *

Аз бемор дарди сар бувад пайваста болинро.

* * *

Тоқати панҷаи шерон набувад рӯбаҳро.

* * *

Майли хушкӣ набувад мардуми дарёиро.

* * *

Кас пеши оташ сӯхтан таълим надҳад удро.

* * *

Кай намояд зарра, ҳар ҷо рух намояд офтоб?!

* * *

Эй дил, агар ошиқӣ, дида бипӯшон зи хоб.

* * *

Пеши гул, эй боғбон, аз хор беҳтар андалеб.

* * *

Меҳнати ғурбат надонад ҳеҷ кас илло ғариб.

* * *

Ошиқонро набувад дар ду ҷаҳон ҷои нишаст.

* * *

Мурғ бубар дом, ки сайёд ба хоб аст.

* * *

Душман беҳ аз он дӯст, ки ҳамдард набошад.

* * *

Кай умри рафта кас ба давидан гирифтааст?!

* * *

Бар умеди гул чу булбул метавон бо хор зист.

* * *

Одати талъати хуршед ҷаҳонафрӯзист.

* * *

Касе ки ишқ надорад, баландҳиммат нест.

* * *

Надорад ғанӣ бо гадо эҳтиёҷ.

* * *

Худо ҳамеша зи чашми бадат нигаҳ дорад!

* * *

Хуш бошад кашидан заҳмати хоро
барои роҳати хурмо.

* * *

Пок бояд доштан хилватсарои дӯстро.

* * *

Шарт аст борон рехтан дар мавсими гул бодро.

* * *

Ҷавҳар, ки қимат аст, кашандаш ба эҳтиёт.

* * *

Донаи гавҳар чӣ резӣ мурғи арзанхораро?!

* * *

Бе садои саҳарӣ мурғи саҳар бедор аст.

* * *

Сахт бедардӣ бувад нолидан аз дарди ҳабиб.

* * *

Дӯст дар ҷону нест з-ӯ хабарат.

* * *

Бенишонӣ нишони марди Худост.

* * *

Шеваи мардуми ноаҳл бувад ҳиммати паст.

* * *

Ҳар чӣ дар чашм ба ҷуз сурати маъшуқ, хатост.

* * *

Кас лаззати ин бода надонад, ки нахурдаст.

* * *

Ишқи бедард саре гарм накард.

* * *

Шамъ то сӯз надорад, сард аст.

* * *

Андалеб аз ҳаваси гул ҳама шаб бедор аст.

* * *

Ганҷро ганҷина маъво хуштар аст.

* * *

Роҳи талабро на канору на карон аст.

* * *

Ишқ на дар сина, чӣ суд аст ин?!

* * *

Бар шамъ сӯзи синаи парвона равшан аст.

* * *

Булбулонро сухан ар ҳаст, ба сарву чаман аст.

* * *

Аввалин чизе, ки рафт андар сари май, обруст.

* * *

Ҷуз ба шукр касеро мазиди неъмат нест.

* * *

Нахуст афъол некӯ кун, чӣ суд аз хондани асмо?!

* * *

Мулки висол боядат, аз ҷон гузар.

* * *

Хилъат ба лашкарӣ нарасад, то шуҷоъ нест.

* * *

Ғофил аз завқи дард огаҳ нест.

* * *

Ҳеҷ на дар дег, чӣ ҷӯшидан аст?!

* * *

То ғам нахӯрду дард, наяфзуд қадри мард.

* * *

Ҳар чӣ дар даст ба ҷуз домани мақсуд, бад аст.

* * *

То лаъл хун накард ҷигар, қимате наёфт.

* * *

Хуш бувад суҳбат ба ёрони қадим.

* * *

Душман чӣ тавонад, чу кунад дӯст ҳимоят?!

* * *

Маҷнун чӣ кунад, к-ин кашиш аз ҷониби Лайлост.

* * *

Пурсидани ёрони куҳан расми қадим аст.

* * *

Як хона ду меҳмон нагунҷад.

* * *

Оҳ аз ин умр, ки бар боди ҳаво мегузарад.

* * *

Толиби дур(р) эҳтироз аз ҷӯшиши дарё накард.

* * *

Ушшоқи қаландарсифат аз ишқ намиранд.

* * *

Пеши шамшери қазо ҳеч сипар натвон кард.

* * *

Бадбахтро ба кӯшиш муқбил наметавон кард.

* * *

Меҳри қиёматиро ҳаргиз завол бошад?!

* * *

Як бут, ки бишкананд, беҳ аз сад ибодат аст.

* * *

Бештари нолаи мурғон ба саҳаргаҳ бошад.

* * *

Ба иттифоқ табибе беҳ аз ҳабиб набошад.

* * *

Безорам аз он дил, ки дар ӯ дард набошад.

* * *

Ҷуз пеши оташ сӯхтан бӯйе набошад удро.

* * *

Набувад ҳоҷати машшота рухи зеборо.

* * *

Фирдавс чӣ кор ояд, агар вард[1] набошад.

* * *

Хотами Ҷам бо каф орад, ҳар кӣ дар ҷустан бикӯшад.

* * *

То шабонгоҳи абад зиндадилон бедоранд.

[1] вард - гул

* * *

Дили садпора ба марҳам нашавад чорапазир.

* * *

Дили нозук чу шикастанд, нагирад пайванд.

* * *

Бо закоте кай гадо аз моли Қорун кам кунад?!

* * *

Чу дарди ишқ надорӣ, либоси фақр чӣ суд?!

* * *

Чун надорӣ гуҳари маърифате, кам зи хасӣ!

* * *

Бикӯш, то ба каф орӣ калиди ганҷи вуҷуд.

* * *

Булбул чу чаман дид, раҳо кард қафасро.

* * *

Дар сар ҳавои туст маро беҳтарин ҳавас.

* * *

Муддаӣ нест маҳрами дили ёр.

* * *

Ходими Каъба Бӯлаҳаб набувад.

* * *

Чу дил ба ҷой набошад, чӣ гуна хоб ояд?

* * *

Чу моя ҳаст, закоте бидеҳ гадоёнро.

* * *

Некӯиву ҷавонӣ ба кас намепояд.

* * *

Беталаб натавон ёфт гавҳари мақсуд.

* * *

Дур аз Худо ба Каъба баҳри Худо наёяд.

* * *

Дӯстдорон, ба ҷуз аз дӯст махоҳед зи дӯст.

* * *

Хештан зери бор мапсандед!

* * *

Гар маҳв шавӣ, давлати дидор биёбӣ.

* * *

Бинӯш ҷоми майи ишқ, то шавӣ ҳушёр.

* * *

Дардо, ки умр рафту накардем ҳеч кор.

* * *

Зикри ту мекунем замоне, ки нотиқем.

* * *

Покбозам ман, дағоӣ хуш намеояд маро.

* * *

То хӯшаҳо ба даст кунӣ, донае бикор.

* * *

Нест бархостан имкон, чу фитодӣ зи назар.

* * *

Моҳи пинҳоншударо ҳам бирасад вақти зуҳур.

* * *

Хошок накунад ба оташ ситез.

* * *

Дил, ки дилдоре надорад, дил нашояд хонданаш.

* * *

Андалеб аз сад варақ баргуфт ҳолу гул хамӯш.

* * *

Аз дида бирафтиву нарафтӣ зи дили реш.

* * *

Ба ҳарза дар талаби чизи нониҳода макӯш.

* * *

Дур(р) ба чанг наёяд, чу дам занад ғаввос.

* * *

Ҳолату вачди риёӣ хуш намеояд маро.

* * *

Мунқатеъ нашавад файз ҳаргиз аз файёз.

* * *

Ду олам пур зи маъшуқ аст, ку як ошиқи содиқ.

* * *

Ризқ аз азал бинҳодаанд.

* * *

Чӣ ҳосил аст зи илми билоамал.

* * *

Завқи дарунийю дард лозимаи ошиқист.

* * *

Дар ҳайратам, ки бе ту чаро мурда нестам.

* * *

Он ёр ба ман сад раҳ наздиктар аст аз ман.

* * *

Зи бедардӣ батар дарде надидам.

* * *

Чун меҳрубон надидам, муҳр аст бар даҳонам.

* * *

Бар мани бедил бигиряд ёр ҳам, ағёр ҳам.

* * *

Мо хонаи дил ҷои таманнои ту кардем.

* * *

Дӯст дар хонаву мо гирди ҷаҳон гардидем.

* * *

Моро ба ҳар мақом, ки ҷӯянд, ҳозирем.

* * *

Фикри ту мекунем дар он дам, ки хомушем.

* * *

Суҳбати ёр биҳиштест пур аз нозу наим.

* * *

Гулбарг таҳаммул накунад бори гаронро.

* * *

Рӯ ниҳад соили афтода ба даргоҳи карим.

* * *

Ба пояи бузургӣ нарасанд худписандон.

* * *

Дар хиҷлатам, ки бе ту чаро зинда мондаам.

* * *

Ҳузур бояд аввал, пас аз он намоз кардан.

* * *

Натвон ба бонги ҳар саге аз кӯйи дӯст гардидан.

* * *

Натвон бигзаронидан ба талхӣ ҷони ширинро.

* * *

Хуш бошад аз булбул ба вақти субҳ нолидан.

* * *

Маҷӯй аз бутон меҳру вафо в-аз ошиқон сабру сукун.

* * *

Соҳиби ҳол шиносад сухани аҳли яқин.

* * *

Кас назар накунад бо вуҷуди гул ба гиёҳ.

* * *

Ошиқ ҷаве наярзад, гар ҷонфишон набошад.

* * *

Қимати суҳбати соҳибназарон донӣ беҳ.

* * *

Аз дида басе фарқ бувад то ба шунида.

* * *

Беишқиву бедардӣ набошад шеваи мардӣ.

* * *

Дорӣ ҳаваси нӯш, маранҷ аз алами неш.

* * *

Агар ғам нестӣ, ошиқ чӣ хурдӣ?

* * *

Ҳалқае гар бизанӣ, бар ту гушоянд даре.

* * *

То наёбӣ назари аҳли сафо, ҳеч касӣ!

* * *

Аз омаданӣ фикр кун, аз рафта маяндеш.

* * *

Сиёҳӣ натавон шуст ба об аз зангӣ.

* * *

Навмед нашояд шудан аз лутфи худоӣ.

* * *

Хидмат насиби бандаи соҳибсаодат аст.

* * *

Дило, насими иноят вазид, ҳозир бош!

ISBN 978-99975-51-53-5



Иксири саодат

(Гузидаи абёт, мисраъ ва гуфторҳои ҳакимонаи Камоли Хуҷандӣ)

Мусаҳҳеҳон:
Баҳром Раҳматов ва Нӯъмонҷон Неъматов

Муҳаррирони техникӣ:
Абдумаҷид Абдусамадов ва Иззатбек Шехимов

Ба матбаа санаи 05.10.2016 супорида шуд.
Ба чопаш 12.10.2016 имзо шуд. Коғази «Снегурочка».
Ҷузъи шартии чопӣ 7,0. Андозаи 70х90/16.
Гарнитураи ҳуруф «Times New Roman Tj».
Супориши № 4302. Теъдод 1000 нусха.
Нархаш шартномавӣ.

Матбааи «Ношир»
735714 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, кӯчаи Сейтвелиев 2
Тел.: (83422) 5-65-95
www.noshir.tj

عنوان: اکسیر سعادت (گزیدهٔ ابیات، مصراع و گفتارهای حکیمانهٔ کمال خجندی)

به کوشش دکتر فخرالدین نصرالدین اف

چاپخانه: ناشر (شهر خجند)

چاپ اول: ۲۰۱۶

تیراژ: ۱۰۰۰

تعداد صفحه: ۲۲۰

* * *

سیاهی نتوان شست به آب از زنگی

* * *

نومید نشاید شدن از لطف خدائی

* * *

خدمت نصیب بندهٔ صاحب سعادت است

* * *

دلا نسیم عنایت وزید حاضر باش

* * *

خوش باشد از بلبل به وقت صبح نالیدن

* * *

مجوی از بتان مهر و وفا و از عاشقان صبر و سکون

* * *

صاحب حال شناسد سخن اهل یقین

* * *

کس نظر نکند با وجود گل به گیاه

* * *

عاشق جوی نیرزد گر جانفشان نباشد

* * *

قیمت صحبت صاحب نظران دانی به

* * *

از دیده بسی فرق بود تا به شنیده

* * *

بی عشقی و بی دردی نباشد شیوهٔ مردی

* * *

داری هوس نوش منج از الم نیش

* * *

اگر غم نیستی عاشق چه خوردی

* * *

حلقه ای گر بزنی بر تو گشایند دری

* * *

تا نیابی نظر اهل صفا هیچ کسی

* * *

از آمدنی فکر کن از رفتنیندیش

* * *

بر من بیدل بگرید یار هم اغیار هم

* * *

ما خانهٔ دل جای تمنّای تو کردیم

* * *

دوست در خانه و ما گرد جهان گردیدیم

* * *

ما را به هر مقام که جویند حاضریم

* * *

فکر تو می کنیم در آن دم که خامشیم

* * *

صحبت یار بهشتیست پر از ناز و نعیم

* * *

گلبرگ تحمّل نکند بار گران را

* * *

رو نهد سائل افتاده به درگاه کریم

* * *

به پایهٔ بزرگی نرسند خود پسندان

* * *

در خجلتم که بی تو چرا زنده مانده ام

* * *

حضور باید اوّل پس از آن نماز کردن

* * *

نتوان به بانگ هر سگی از کوی دوست گردیدن

* * *

نتوان بگذرانیدن به تلخی جان شیرین را

* * *

از دیده برفتی و نرفتی ز دل ریش

* * *

به هر زه در طلب چیز نا نهاده مکوش

* * *

در به چنگ نیاید چو دم زند غواص

* * *

حالت و وجد ریائی خوش نمی آید مرا

* * *

منقطع نشود فیض هرگز از فیاض

* * *

دو عالم پرز معشوق است کو یک عاشق صادق

* * *

رزق از ازل بنهاده اند

* * *

چه حاصل است ز علم بلا عمل

* * *

ذوق درونی و درد لازمهٔ عاشقیست

* * *

در حیرتم که بی تو چرا مرده نیستم

* * *

آن یار به من صد ره نزدیکتر است از من

* * *

ز بی دردی بتر دردی ندیدم

* * *

چون مهربان ندیدم مهر است بر دهانم



* * *

دوستداران به جز از دوست مخواهید ز دوست

* * *

خویشتن زیر بار مپسندید

* * *

گر محو شوی دولت دیدار بیابی

* * *

بنوش جام می عشق تا شوی هشیار

* * *

دردا که عمر رفت و نکردیم هیچ کار

* * *

ذکر تو می کنیم زمانی که ناطقیم

* * *

پاکبازم من دغائی خوش نمی آید مرا

* * *

تا خوشه ها به دست کنی دانه ای بکار

* * *

نیست برخاستن امکان چو فتادی ز نظر

* * *

ماه پنهان شده را هم برسد وقت ظهور

* * *

خاشاک نکند به آتش ستیز

* * *

دل که دلداری ندارد دل نشاید خواندنش

* * *

عندلیب از صد ورق برگفت حال و گل خموش

* * *

بازگدائی گی گدا از مال قارون کم کند

* * *

چو درد عشق نداری لباس فقر چه سود

* * *

چون نداری گهر معرفتی کم ز خسی

* * *

بکوش تا به کف آری کلید گنج وجود

* * *

بلبل چو چمن دید رها کرد قفس را

* * *

در سر هوای توست مرا بهترین هوس

* * *

مدّعی نیست محرم دل یار

* * *

خادم کعبه بولهب نبود

* * *

چو دل به جای نباشد چه گونه خواب آید

* * *

چو مایه هست زکاتی بده گدایان را

* * *

نیکوی و جوانی به کس نمی پاید

* * *

بی طلب نتوان یافت گوهر مقصود

* * *

دور از خدا به کعبه بهر خدا نیاید



* * *

بدبخت را به کوشش مقبل نمی‌توان کرد

* * *

مهر قیامتی را هرگز زوال باشد

* * *

یک بت که بشکنند به از صد عبادت است

* * *

بیشتر نالهٔ مرغان به سحر که باشد

* * *

به اتّفاق طبیبی به از حبیب نباشد

* * *

بیزارم از آن دل که در او درد نباشد

* * *

جز پیش آتش سوختن بوی نباشد عود را

* * *

نبود حاجت مشاطه رخ زیبا را

* * *

فردوس چه کار آید اگر ورد نباشد

* * *

خاتم جم با کف آرد هر که در جستن بکوشد

* * *

تا شبانگاه ابد زنده دلان بیدارند

* * *

دل صد پاره به مرهم نشود چاره پذیر

* * *

دل نازک چو شکستند نگیرد پیوند

* * *

تا غم نخورد و درد، نیفزود قدر مرد

* * *

هر چه در دست به جز دامن مقصود بد است

* * *

تا لعل خون نکرد جگر قیمتی نیافت

* * *

خوش بود صحبت به یاران قدیم

* * *

دشمن چه تواند چو کند دوست حمایت

* * *

مجنون چه کند کاین کشش از جانب لیلی ست

* * *

پرسیدن یاران کهن رسم قدیم است

* * *

یک خانه دو میهمان نگنجد

* * *

آه از این عمر که بر باد هوا می گذرد

* * *

طالب در، احتراز از جوشش دریا نکرد

* * *

عشاق قلندر صفت از عشق نمیرند

* * *

پیش شمشیر قضا نیچ سپر نتوان کرد

* * *

عندلیب از هوس گل همه شب بیدار است

* * *

گنج را گنجینه مأوا خوشتر است

* * *

راه طلب را نه کنار و نه کران است

* * *

عشق نه در سینه چه سود است این

* * *

بر شمع سوز سینهٔ پروانه روشن است

* * *

بلبلان را سخن از هست به سرو چمن است

* * *

اوّلین چیزی که رفت اندر سر می آبروست

* * *

جز به شکر کسی را مزید نعمت نیست

* * *

نخست افعال نیکو کن چه سود از خواندن اسما

* * *

ملک وصال بایدت از جان گذر

* * *

خلعت به لشکری نرسد تا شجاع نیست

* * *

غافل از ذوق درد آگه نیست

* * *

هیچ نه در دیگ چه جوشیدن است

* * *

پاک باید داشتن خلوت سرای دوست را

* * *

شرط است باران ریختن در موسم گل باد را

* * *

جوهر که قیمت است کشندش به احتیاط

* * *

دانند گوهر چه ریزی مرغ ارزن خواره را

* * *

بی صدای سحری مرغ سحر بیدار است

* * *

سخت بی دردی بود نالیدن از درد حبیب

* * *

دوست در جان و نیست زو خبرت

* * *

بی نشانی نشان مرد خداست

* * *

شیوهٔ مردم نااهل بود همّت پست

* * *

هر چه در چشم به جز صورت معشوق خطاست

* * *

کس لذت این باده ندانند که نخورد ست

* * *

عشق بی درد سری گرم نگرد

* * *

شمع تا سوز ندارد سرد است



* * *

ای دل اگر عاشقی دیده بپوشان ز خواب

* * *

پیش گل ای باغبان از خار بهتر عندلیب

* * *

محنت غربت نداند هیچ کس الّا غریب

* * *

عاشقان را نبود در دو جهان جای نشست

* * *

مرغ بیرد ام که صیّاد به خواب است

* * *

دشمن به از آن دوست که همدرد نباشد

* * *

کی عمر رفته کس به دو دیدن گرفته است

* * *

بر امید گل چو بلبل می توان با خار زیست

* * *

عادت طلعت خورشید جهان افروز است

* * *

کسی که عشق ندارد بلند همّت نیست

* * *

ندارد غنی با گدا احتیاج

* * *

خدا همیشه ز چشم بدت نگه دارد

* * *

خوش باشد کشیدن زحمت خار ابرای راحت خرما

* * *

عیبی نباشد سوی خود تیشه زدن فرهاد را

* * *

بامرید نظرهاست پیر مرشد را

* * *

از بهر حلوا می‌توان بردن جفای دود را

* * *

کس سیر ندید از شکر ناب مگس را

* * *

با بزرگان خودستائی خوش نمی آید مرا

* * *

حکمی نبود بر سر دیوانه قلم را

* * *

مرغی که چمن یافت نجوید طیران را

* * *

هر دل که بترسد ز بلا مرد نباشد

* * *

از بیمار درد سر بود پیوسته بالین را

* * *

طاقت پنجهٔ شیران نبود روبه را

* * *

میل خشکی نبود مردم دریائی را

* * *

کس پیش آتش سوختن تعلیم ندهد عود را

* * *

کی نماید ذره هر جا رخ نماید آفتاب

مصراع و گفتارهای حکیمانه

آئینه همان به که بر او گرد نباشد

* * *

چون به خود گرم است خود را می ستاید آفتاب

* * *

لائق هر گوش نیست دانهٔ دُرّ ثمین

* * *

پس هر تیرگی روشنی هست

* * *

آهسته که این ره به دویدن نتوان یافت

* * *

شب گرچه دراز است امید سحری هست

* * *

حاجت بانگ زدن نیست دل آگه را

* * *

آنجا که آب لطف تو صد نیش گشته نوش

* * *

ز خورشید جمال او شب زنده دلان روشن

* * *

کام بی ذوق چه داند مزهٔ حلوا را

* * *

چو این داغ از ازل آمد بسوزد تا ابد ما را

* * *

کسی که او پی دنیا ز دست داد دلی
فروخت دامن دنیا به کمترین خاشاک

* * *

در عیادت اگر تساهل رفت
تو کریمی و عذر من مقبول

* * *

مدخواه تو خود را به بزرگی چو تو داند
لیکن مثل است اینکه چناری و کدوئی

* * *

گر طلبکاری مشو دور از کمال
لم تجد بعدی ولیا مرشدا

* * *

در بیشهٔ دنیا که چراگاه دل ماست
روزی دو چردیم و چمیدیم و گذشتیم

* * *

نامهٔ شوق من ای کاتب ندارد مقطعی
بعد ازین بنویس دیگر نامه ها را والسلام

* * *

باغیست پر از گل معانی
دیوان کمال تازه‌اش دار
شعر دیگران چو خار بستی

پیرامن او به جای دیوار
تا سنبل و نرگسش بچینند
دزدان گل ریاض اشعار

* * *

طبع تو کمال کیمیائیست
کز وی سخن تو هیچ زر شد
دیوان تو دی یکی همی خواند
دیدم که دهانش پر شکر شد

* * *

کیسه تهی باش و بیا سا کمال
هر که تهی کیسه‌تر آسوده‌تر

* * *

کسی کز عشق دولتمند گردد
بیفزاید هزاران اعتبارش
نبینی کز تعشّق بلبل مست
یکی مرغیست و می خوانی هزارش

* * *

بر درش حلقه زدم گفت کمال
خاک این در نشوی در نشوی

* * *

نمی خواهد کمال از یار جز یار
بیاموزید درویشان گدائی

* * *

در پای تو غلطیدن کاریست پسندیده
کاری که چنین باشد هردم ز سر آغازم

* * *

گر نه با اوئی اگر پادشهی درویشی
ور نه بی خویشی اگر با همه ای تنهائی
بی غم او به غمی با غم او در طربی
بی لب او مگسی با لب او حلوائی

* * *

نزدیکتر ز جانی نزدیک ما و باما
چون ماه روی خود را از دور می نمائی

* * *

ای دل مکن اندیشه ازین راه که صعب است
نومید نشاید شدن از لطف خدائی

* * *

گر به پاکی خضر وقتی و روح القدسی
تا نیابی نظر اهل صفا هیچ کسی
فرض کردیم که سجّاده فکندی بر آب
چون نداری گهر معرفتی کم ز خسی
تا نیاری قدم از منزل هستی بیرون
سالها گر بروی راه به جائی نرسی

* * *

تا هنوزت قدمی در ره هستیست کمال
رو که از مقصد خود دور به صد فرسنگی

* * *

عودیست دل سوخته بر یاد وصالت
کز آتش هجران تو اش نیست ملالی

* * *

حدیث یوسف مصری که احسن القصص است
کسی به سوز نخواند چو پیر کنعانی

* * *

راز معشوق حدیثیست نهان داشتنی
ای صبا پیش کس از قصه نادم نزنی

* * *

بستیم در هوایت با خود در هوس را
غافل کسی که نبود در بند عکسباری

* * *

جویمت که به در کعبه و که بر در دیر
چون گدای تو شدم از تو شد این دربدری

* * *

جانت چگونه خوانم جانم فدای تست
عمرت چگونه گویم کز عمر خوشتری

* * *

دی رسید از حرم وصل خطابیم به گوش
حلقه‌ای گر بزنی بر تو گشایند دری

* * *

بی عنایت به سوی دوست قدم تا ننهی
که به جائی نرسی جز به چنین راهبری

* * *

احوال درون دل و بیرون خرابم
محتاج خبر نیست که بر جمله خبیری

* * *

دعوی زنده دلی از تو نکو نیست کمال
گر شب فرقت جانان سر بالین داری

* * *

تو چشم آنکه حق بینی نداری
وگرنه هر چه بینی حق ثماری
مکن عیب غریق ای زاهد خشک
کز این دریا تو چون خس برکناری
ز احوال درون دردمندان
چه گویم با تو چون دردی نداری

* * *

کریمان تحفه‌ای آرند با خود پیش مسکینان
اگر آئی تو نیز آن به که بر من رحمتی آری

* * *

من کیستم که ورزم سودای چون تو یاری
حیف آیدم که گردی مشغول خاکساری

* * *

اگر گوید کمال از خاک راه ماست هم کمتر
من این بی حرمتی جز عزّ و جاه خود نمی دانم

* * *

در نگیرد گفت و گوی حاسدان با من که من
همچو شمع از سرزنش سوز دل افزون می کنم

* * *

گرت نیّت نه روی اوست از هر سجده در قبله
بگیر از سر نماز خود که در نیّت خطا کردی

* * *

دلا از ناله بلبل وصل گل یافت
چرا زاری بدین زاری نکردی

* * *

دورنگی نیست ما را با تو الّا
همین بخت سیاه و روی زردی

* * *

می سوخت سراپای وجودم ز دم گرم
گر من نزدم حرف دم از این غم دم سردی

* * *

کمال از تو جز آه دل برنیامد
چه خواهد برآمد ز خس غیر دودی

* * *

گریی بر خویش چون ابر بهاران
که سرسبزی ازین باران بیابی

* * *

به دونان کم نشین کز صحبت دون
مقام قرب او ادنی نیابی

* * *

تا خلوت دل خالی از اغیار نیابی
بام و در آن خانه پر از یار نیابی

* * *

بیدار شو آنگه طلب آن روی که هرگز
در خواب چنین دولت بیدار نیابی

* * *

در دیدهٔ من جمله خیالند و تو نقشی
در خاطر من جمله فراموش و تو یادی

* * *

طریق عاشقان بر گیر و سوی دردمندان شو
که بیعشقی و بیدردی نباشد شیوهٔ مردی

* * *

در صحبت صاحب نظران بار ندارد
صاحب هوس بار ملامت نکشیده

* * *

تو گوش نهاد ستی و ما دیده به دیدار
از دیده بسی فرق بود تا به شنیده

* * *

اگر گل عندلیبان را نکشتست
چه خونست این بر آن دامن چکیده

* * *

خانهٔ بنده بندهٔ خانهٔ تست
خیر مقدم خوش آمدی فرمای

* * *

خانهٔ تست دل و دیده ز باران سرشک
گر از این خانه چکد آب در آن خانه درای

* * *

گر گم شوی از خود خبر یار بیابی
چون یافتی آن گمشده بسیار بیابی
با موسی دیدار طلب وعده همین بود
گر محو شوی دولت دیدار بیابی



* * *

غرق دریای آتش و آب است
جان عاشق میان گریه و آه

* * *

در میان خون مژگان عاقبت اشک کمال
خاک گشت از انتظار او سقی الله ثراه

* * *

میل شاهی نکند هر که گدای تو بود
زآنکه این منزلت از دولت سلطانی به

* * *

گرچه جان لایق آن جان و جهان نیست کمال
حالیا آنچه به دست است برافشانی به

* * *

زحمت مبین و رنج مبر ای طبیب من
این درد عاشقیست مداوا چه فائده

* * *

گر نیستم به مهرت صادق چو صبح بادا
همچون شفق پر از خون رخسارم از دو دیده

* * *

جرعه‌ای بر سر خاک از می عشق افشاندند
عرش و کرسی همه بر خاک نهادند جبین

* * *

مفلس عشق ندارد هوس منصب و جاه
خاک این راه به از مملکت روی زمین

* * *

خاک پای او به تاج سلطنت ندهد کمال
گرچه درویش است بنگر همّت والای او

* * *

صد گوش دیگرم ز خدا باشد آرزو
روزی که بشنوم ز رسولی پیام تو

* * *

تا نیفتد راز ما بر روی روز
ای سرشک امشب ز پیش رو برو

* * *

در راه غمش به سر رو ای دل
کاین است طریق و شرط این راه

* * *

گر نیارد به زبان سوز تو چون شمع کمال
خود گواه است بر او گونهٔ رخسارهٔ من

* * *

طالب سیمرغ باش و کیمیا لیکن مجوی
از بتان مهر و وفا و از عاشقان صبر و سکون

* * *

سوز ما از گریه شد چون آتش از روغن زیاد
شمع را از اشک می آید فزون سوز درون

* * *

هر کجا باشد نشان پای او آنجا به چشم
خاک بردارم چندانی که آب آید برون

* * *

زنده رواق فلک برتر است خانهٔ عشق
گمان مبر که کس آنجا رسد به همّت دون

* * *

به جور دوست رضا ده کمال و هیچ مگوی
که در طریق محبت چرا نکند و چون

* * *

گفته‌ای خاک ره ماست کمال
خاک را این همه اعزاز مکن

* * *

کمال این شرف تا قیامت ترا بس
که گوید فلانیست در خدمت من

* * *

شب همه شب اشک می ریزم به زاری همچو شمع
نسبتی دارد همانا درد او با درد من

* * *

ابر تر دامن همی گرید ز اشک گرم من
کوه سنگین دل همی نالد ز آه سرد من

* * *

هیچ کس گرد من خسته نگردد جز اشک
آه و فریاد ز بر گشتگی اختر من

* * *

عقل گفت اندیشه دور است عزم کوی دوست،
خاک بر اندیشه های عقل دور اندیش من

* * *

رقیبم ار چه نصیحت کند ولی نتوان
به بانگ هر سگی از کوی دوست گردیدن

* * *

دل و دین را ز درویشی بخشیدم به درویشی
بیاموزید ای شاهان ازین درویش بخشیدن

* * *

زمنسان که دل به یارب ز آن غمزه خواست تیری
یک تیر بر نشانه خواهد یقین رسیدن

* * *

نیست خاک در او خالی از آمد شد اشک
رو نهد سائل افتاده به درگاه کریم

* * *

هر کس به فتح دردی آرام جوید و من
تا درد او نبینم نتوانم آرمیدن

* * *

شگفت ای باغبان اطراف گلزار
قفس بر عندلیب زار بشکن

* * *

چشم داری ای کبوتر این چه گستاخیست باز
نامه ای کان جاست نام او به پر برداشتن

* * *

هر کس چو باد از آن کو بر خواستند و رفتند
ما حاکیان بر آن در بنشسته همچو کردیم

* * *

همچو شمع از انگبین کامم ز شیرینی بسوخت
تا گرفتم نام آن لب بر زبان خویشتن

* * *

به سجود پیش قبله بنهم خیال رویت
که حضور باید اول پس از آن نماز کردن

* * *

به حسن آئینه می گوید که هستم چون مه رویش
من آن روسخت را با دوست خواهم روبرو کردن

* * *

حدیث حسن گل نازک حدیثیست
ز بلبل باید این معنی شنیدن

* * *

نیست همدم جز به درد و غم کمال
خوش بود صحبت به یاران قدیم

* * *

آگه از راز شمع پروانه است
تو چه دانی زبان سوخته گان

* * *

خواجه چرا نشسته‌ای خیز که رفت کاروان
بار ببند و شو تو هم در پی کاروان روان
قصر عمل چه می کنی روزن دلگشا ببین
کلبه فقر خوشتر از شاه نشین خسروان
ره نبرد بهار زندگی برگ خود و تو پیش بر
بر سر گل چو نرگسی مست شراب ارغوان

* * *

از گریه آب از خانهٔ چشم کمال آمد برون
باشد خرابی خانه را اکثر ز باران ریختن

* * *

گویند دل ز جانان برگیر حاش لله
هرگز چگونه از جان دل بر توان گرفتن

* * *

ما از تو سخنور جهانیم
صاحب نظریم و نکته دانیم

* * *

ما نه آنیم که گر خاک شود قالب ما
گرد سودای تو از دامن جان افشانیم

* * *

آبرو بایدت بکوی کمال
به تفاخر که خاک آن کویم

* * *

فکر تو می کنیم در آن دم که خامشیم
ذکر تو می کنیم زمانی که ناطقیم

* * *

گر خاطر عزیز عزیزان خلاف ماست
با خاطر عزیز عزیزان موافقیم

* * *

صحبت یار بهشتیست پر از ناز و نعیم
ای خوش آن دم که به ما آید از آن روضه نسیم

* * *

از دل سوخته ما چه خبر دارد شمع
بیش ازین نیست که در گریه به هم مانندیم

* * *

گویند کمال از عشق شد شهره به گمنامی
چون ذره گمیم اما از مهر تو مشهوریم

* * *

ما را به روز واقعه خاطر بدآن خوش است
کز خاک آستان تو تصدیع می بریم

* * *

گر جان طلب کند ز تو جانان بده کمال
ما جنس عاریت به خداوند بسپریم

* * *

گفتم به دیر با تو رسم یا به کعبه گفت
ما را به هر مقام که جویند حاضریم

* * *

دیده چو دید آفتاب ذره نیارد به چشم
ما که ترا دیده ایم بیش به خود نگریم

* * *

ما خانهٔ دل جای تمنّای تو کردیم
در خانه چراغ از رخ زیبای تو کردیم

* * *

داریم سرخ روئی از اشکهای رنگین
چون شمع اگر چه گریان با چهره‌ها زردیم

* * *

هر مرد را کمالی باشد ز روی همّت
ما را کمال این بس کز هر دو کون فردیم

* * *

ما به سودای تو دامن ز جهان برچیدیم
محنت عشق تو بر راحت جان بگزیدیم
پیش از آن دم که نبود از دل و جان آثاری
در میان دل و جان مهر تو می ورزیدیم

* * *

راه بسی بود بسی در طلب دوست کمال
دوست در خانه و ما گرد جهان گردیدیم

* * *

بر آن خوان که نقلش کباب دل است
نخستین غمت را صلا گفته ایم

* * *

با هیچ کسی کار نداریم درین ملک
ما را بگذارید درین حال که هستیم

* * *

تا پی نبرد کس به سر راز درخلق
برخواسته در کنج خرابات نشستیم

* * *

غمت گفتا بگوئید اندر این راه
به ترک جان و سر گفتیم گفتیم

* * *

گر ورق عمر ما تمام بپیچند
ما سر طومار دوستی نسپردیم

* * *

سیم و زر و جان و سر بر آن در
هر چار به اختیار بردیم

* * *

نقد جان چیست که در دامن جانان ریزم
گر بخواهد ز سر هر دو جهان برخیزم

* * *

مراد جنّت اعلی قرار دل کجا باشد
که جز خاک درش آرامگاه خود نمی دانم

* * *

بی تو نفسی که زنده مانم
گر می کشیم سزای آنم

* * *

پیش چشم من مقابل جز خیال روی دوست
هر که زد خیمه همه منخ طنابش بر کنم

* * *

